Пардохти андозҳо - нишонаи бофарҳангии ҷомеа

# Боҷу хироҷ

№51 (1200)

Панҷшанбе, 19 декабри соли 2019

www. bojukhiroj.tj
E-mail: boju_hiroj@mail.ru

Рӯзнома аз 26 декабри соли 1998 чоп мешавад.

НАШРИЯИ КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


ПРЕЗИДЕНТ



**Иштироки Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар Анҷумани XIII Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон**

с. 2-3

# Таъмини шаҳрвандон бо ҳуҷҷатҳои соҳибкорӣ



Бақайдгирии давлатии соҳибкорон гарави фаъолияти қонуниашон мебошад

САНАД

**Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон**

«Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2020»

с. 3-6

КОРҲОИ НАЗОРАТӢ

**Ҳолати андозбандии субъектҳои МОИ**

Чаро аз ҷониби субъектҳои МОИ шумораи коргарони кироя ва фонди музди меҳнати ба онҳо пардохтшаванда дуруст нишон дода намешавад?

с. 7

КОРҲОИ ФАҲМОНДАДИҲӢ

**Мусоидат ба такмили донишҳо**

Бехтар ба роҳ мондани хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, мақсаднок анҷом додани корҳои фаҳмондадиҳию тавзеҳотӣ – заминаи баланд гардидани фарҳанги андозсупорандагон

с. 8

ТЕХНОЛОГИЯҲОИ МУОСИР

**Технологияҳои муосири пардохтӣ**

Ташвиқу тарғиби истифодаи технологияҳои муосири ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, кам намудани ҳаҷми истифодаи пули нақд дар муомилоти пулии кишвар

с. 9


ДИҚҚАТ!!! * ДИҚҚАТ!!!

**ОБУНА БА РӮЗНОМАИ «БОҶУ ХИРОҶ» БАРОИ СОЛИ 2020 ИДОМА ДОРАД**

Нашрияи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

65 СОМОНӢ
НАРХИ ЯКСОЛАИ ОБУНА



Идораи рӯзномаи «Боҷу хироҷ» имконияти моддию молиявии обунашавандаҳоро ба назар гирифта, нархи обунаи яксолаашро 65 сомонӣ муқаррар намудааст, ки нисбат ба нархи обунаи аксар рӯзномаҳои кишвар арзонтар аст.

**Суроғаи мо:** ш.Душанбе, хиёбони Н.Қаробоев 42/3, бинои Раёсати андози шаҳри Душанбе. **Телефон:** 44-600-41-76

р/сч 20202972000266101000
кор/сч 20402972316264
МФО 350101626 БДА ҶТ «Амонатбонк» дар шаҳри Душанбе.

# Иштироки Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар Анҷумани XIII Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон

**13 декабр таҳти раёсати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Анҷумани 13-уми Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон бо иштироки 1917 вакил аз тамоми шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ баргузор гардид.**

Дар Анҷумани навбатии ҳизб як қатор масъалаҳо вобаста ба фаъолияти он дар панҷ соли охир ва барномаю нақшаҳои корӣ дар давраи омодагӣ ба интихоботи оянда ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҷлисҳои маҳаллии намояндагони халқ баррасӣ шуданд.

Дар оғози кори Анҷуман Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вакилони анҷуман ва ҳамаи аъзои ҳизбро бо 25-умин солгарди таъсиси ин ниҳоди бузурги сиёсию иҷтимоӣ табрику таҳният гуфта, фаъолияти панҷсолаи ҳизбро таҳлилу баррасӣ ва қаноатбахш арзёбӣ намуданд. Таъкид гардид, ки «Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон зери шиори «Барои пешрафт ва зиндагии шоистаи мардум» ба арзишҳои умумибашарӣ тамоми тадбирҳои имконпазирро амалӣ мегардонад».

Имрӯз тибқи омори расмӣ Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон беш аз 490 ҳазор нафар аъзо дорад, ки 235 ҳазор нафар ё 45 фоизро занон ташкил медиҳанд.

Дар ҷараёни Анҷуман Барномаи пешазинтихоботии ҲХДТ, ки муҳимтарин самтҳои рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар дар солҳои 2020-2025-ро дар бар мегирад, тасдиқ карда шуд ва Ситоди марказии интихоботии ҳизб таъсис дода шуд.

Масъалаи шашуми рӯзномаи Анҷуман пешбарии номзадҳо ба вакилӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ аз ҳисоби аъзои фаъоли Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон буд. Мувофиқи моддаи 31 банди 9 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон" шумораи умумии номзадҳо, ки ҳизбҳои сиёсӣ мувофиқи рӯйхат пешниҳод менамоянд, бояд аз 28 нафар зиёд набошад.

Иштирокчиёни Анҷуман номзадии 28 нафарро дастгирӣ карданд. Аз онҳо 14 нафар занон ва аксарият мутахассисони варзидаи соҳаҳои гуногун, аз ҷумла ҷавонони болаёқату дорои диду нигоҳи нав ба ҳаёти ҷомеа мебошанд.

Ҳайати нави Кумитаи иҷроияи марказии ҳизб, раёсати Кумитаи иҷроияи марказии ҳизб ва дигар мақомоти марказии ҳизбӣ тасдиқ гардиданд.

Бо ҷонибдории вакилони Анҷуман Эмомалӣ Раҳмон аз нав Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон интихоб карда шуд. Абдуҷаббор Азизӣ — муовини якум, Хайринисо Юсуфӣ ва Асрор Латифзода муовинони раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон интихоб карда шуданд.

Бахтиёр Ҳамдам бори дигар сармуҳаррири нашрияи Дастгоҳи Кумитаи иҷроияи Марказии ҲХДТ "Минбари халқ" интихоб гардид.

# Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон бинои нави Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк»-ро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд



**17 декабр Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар хиёбони Рӯдакии пойтахт бинои нави Бонки давлатии амонатгузории Тоҷикистон «Амонатбонк»-ро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

Тавре иттилоъ дода шуд, бинои нави "Амонатбонк" бо дарназардошти талаботи муосир бунёд ёфта, дар ҳудуди он шароити замонавии кор ва хизматрасонӣ фароҳам оварда шудааст. Аз ҷумла, дар дохили бино 121 ҳуҷраи корӣ ҷойгир буда, барои 500 нафар кормандӣ дастгоҳи марказӣ ва дигар шуъбаҳои хизматрасонии бонк пешбинӣ гардидааст. Дар ошёнаи аввали бино Маркази хизматрасонии мизоҷон ва Департаменти пардохти нафақаву кортҳои пластикӣ ҷойгир шудааст. Бояд тазаккур дод, ки дар баробари ифтитоҳи бино, ҳамчунин Бонки давлатии амонатгузории Тоҷикистон «Амонатбонк» ба тозагӣ дастгоҳи чоп ва омодасозии кортҳои пластикиро дастрас кард, ки ин имконият медиҳад минбаъд дар ҳамин ҷо кортҳои пластикӣ омодаву дастраси мизоҷон карда шавад.

Зимни боздид ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки ҳуҷраҳои кории кормандон пурра бо дастгоҳу таҷҳизоти зарурии соҳавӣ муҷаҳҳаз мебошад. Дохили иншоот ва ҳуҷраҳои корӣ бо дарназардошти талаботи замони муосиру меъёрҳои байналмилалии бонкдорӣ бунёд ёфта, ҳамчунин бино аз маҷлисгоҳ ва ҳуҷраҳои мулоқоту қабули меҳмонон иборат мебошад. Аз ҷумла, бинои навбунёд дорои толор барои нишастҳои матбуотӣ ва толори хурди маҷлисӣ буда, барои гузаронидани ҳамоишу чорабиниҳо як толори дигар низ бо 200 ҷойи нишаст бунёд ёфтааст.

Аснои шиносоӣ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳамчунин, аз осорхонаи бонк, ки дар ошёнаи 10-ум бунёд ёфтааст, дидан намуданд. Дар ин ҷо дастоварду натиҷаҳои кории "Амонатбонк", ки таърихи бештар аз 130-сола дорад, маҳфуз дошта мешаванд. Осорхона бо усули муосири меъморӣ бунёд ёфта, ҳамчунин барои гузаронидани конфронсҳои хурд дар ин ҷо имконият фароҳам аст. Дар ҳамин ҷо Сарвари давлат дар китоби меҳмонони олиқадри осорхона соядаст гузоштанд.

Дар толори бинои нав Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо кормандони бонк мулоқоти самимӣ анҷом дода, ифтитоҳи иншоотро ба онҳо таҳният гуфтанд. Таъкид гардид, ки "Амонатбонк" дар низоми бонкдории мамлакат нақши калидӣ бозида, бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои беҳтар намудани шарту шароити кории он тадбирҳои зарурӣ амалӣ карда мешавад. Аз ҷумла, ба сифати корҳои сохтмонӣ дар ин иншоот Сарвари давлат баҳои баланд дода, кормандонро вазифадор намуданд, ки ин имкониятҳоро баҳри боз ҳам баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонӣ истифода кунанд.

# Мулоқоти Раиси Кумитаи андоз бо роҳбари Гурӯҳи TADAT



**16 декабри соли ҷорӣ Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлатзода Нусратулло Муқим бо Роҳбари Гурӯҳи Воситаи ташхисии баҳогузории маъмурияти андоз (минбаъд TADAT) Султан Мунавер Хваджа мулоқот намуд. Дар рафти вохӯрӣ ҷонибҳо масъалаҳои самтҳои асосии самаранокии маъмурикунонии андозро мавриди баррасӣ қарор доданд.**

Ёдовар мешавем, ки TADAT воситаи умумиҷаҳонӣе мебошад, ки ҳамаи давлатҳо метавонанд онро бо мақсади баҳогузории тарафҳои қавӣ ва заифи низоми маъмурикунонии андози худ истифода намоянд. Ҳангоми баҳогузории TADAT ба масъалаҳои маъмурикунонии андозҳои ташкилкунандаи қисмати даромади буҷет диққати асосӣ дода мешавад.

TADAT самаранокии мақомоти миллии андозро аз рӯи 9 самти натиҷабахш: пурргии махзани маълумотҳои андозсупорандагони бақайдгирифташуда, самаранокии идораи хавфҳо, расонидани кӯмак ба андозсупорандагон ҷиҳати риояи қонунгузорӣ, пешниҳоди саривақтии эъломияҳои андозӣ, сари вақт супоридани андозҳо, дурустии маълумоти дар эъломияҳои андозӣ дарҷгардида, самаранокии расмиятҳои ҳалли баҳсҳои андозӣ, самаранокии идораи даромадҳо, ҳисоботдиҳӣ ва шаффофият баҳогузорӣ менамояд.

Чунин баҳогузориро, аллакай, Федератсия Россия, ҷумҳуриҳои Қирғизистон, Украина ва Беларус гузаронидаанд.

Кумитаи андоз тасмим гирифтааст, ки аз рафти баҳогузории TADAT мунтазам маълумот пешниҳод намояд.

# Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бинои нави Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ифтитоҳ намуданд

**17 декабр Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар ноҳияи Синои пойтахт бинои нави Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар вазъияти тантанавӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

Аснои шиносоӣ бо шароити фароҳамшуда дар ин бинои хуштарҳу замонавӣ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сифати корҳои анҷомёфта баҳои баланд доданд.

Бинои асосии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 ошёна иборат буда, дорои 182 ҳуҷраи муосиру барҳаво барои фаъолияти кормандон аст.

Бинои нави Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои китобхонаи муосир мебошад, ки бо адабиёти соҳавӣ ва бадеӣ таъмин аст. Кормандони Агентӣ метавонанд аз китобхонаи электронӣ низ, ки бо шабакаи ҷаҳонии интернет пайваст мебошад, ба таври васеъ истифода намоянд.

Ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки дар ошёнаи якуми бинои асосӣ китобхона, ҳуҷраҳои қабули шаҳрвандон, навбатдорӣ, ҳуҷраи тиббӣ ва корӣ мавҷуданд.

Бо мақсади ба роҳ мондани фаъолияти пурсамар аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳамин рӯз ба кормандони Агентӣ 175 адад компютери муосир тақдим карда шуд.

Аз иқдомҳои шоиставу беназири Сарвари давлат ҷиҳати фароҳам овардани шароити арзандаи фаъолият кулли кормандони Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аксари онҳо ҷавонони соҳибтахассус ва дорои қобилияти баланди касбӣ мебошанд, изҳори сипосу миннатдорӣ намуданд.

Пас аз шиносоӣ бо шароити фароҳамоварда дар бинои навбунёд Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо кормандони Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мулоқот намуданд.

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2020

**Моддаи 1. Ҳаҷми умумии даромади Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Ҳаҷми умумии даромади Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2020 аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳо 26053957 ҳазор сомонӣ муқаррар карда шавад, аз ҷумла:

1) аз ҳисоби воридоти андозию ғайриандозӣ ва грантҳо 19500000 ҳазор сомонӣ, аз онҳо:

а) воридоти андозӣ – 17912035 ҳазор сомонӣ;

б) воридоти ғайриандозӣ – 1287965 ҳазор сомонӣ;

в) грантҳо барои дастгирии буҷет аз ҳисоби созмонҳои байналмилалии молиявӣ – 300000 ҳазор сомонӣ;

2) аз ҳисоби лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ – 4523494 ҳазор сомонӣ, аз онҳо:

а) қарзҳо – 2327013 ҳазор сомонӣ;

б) грантҳо – 2196481 ҳазор сомонӣ;

3) аз ҳисоби маблағҳои махсуси муассисаю ташкилотҳои буҷетӣ – 2030463 ҳазор сомонӣ.

**Моддаи 2. Ҳаҷми умумии хароҷоти Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Ҳаҷми умумии хароҷоти Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2020 ба маблағи 26403473 ҳазор сомонӣ муқаррар карда шавад, аз ҷумла барои маблағгузории:

1) мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ – 1395894 ҳазор сомонӣ;

4) маориф – 5004689 ҳазор сомонӣ;

5) тандурустӣ – 1841281 ҳазор сомонӣ;

6) суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ – 3911503 ҳазор сомонӣ;

7) фарҳанг ва варзиш – 972620 ҳазор сомонӣ;

8) хоҷагии манзилию коммуналӣ, ҳифзи муҳити зист ва хоҷагии ҷангал – 1230696 ҳазор сомонӣ;

9) комплекси сӯзишворию энергетикӣ – 3927631 ҳазор сомонӣ;

10) соҳаи кишоварзӣ, моҳидорӣ ва шикор – 785462 ҳазор сомонӣ;

11) саноат ва сохтмон – 232417 ҳазор сомонӣ;

12) нақлиёт ва коммуникатсия – 1969386 ҳазор сомонӣ;

13) соҳаҳои дигари иқтисодиёт ва хизматрасонӣ – 69800 ҳазор сомонӣ;

14) хароҷоти дигар – 3128874 ҳазор сомонӣ.

**Моддаи 3. Ҳаҷми умумии касри Буҷети давлатӣ ва манбаъҳои пӯшонидани он**

1. Андозаи ниҳоии ҳаҷми умумии касри Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2020 ба андозаи 0,4 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ё ба маблағи 349516 ҳазор сомонӣ муқаррар карда шавад.

2. Манбаъҳои пӯшонидани касри Буҷети давлатӣ ба таври зерин муайян карда шаванд:

1) аз ҳисоби хусусигардонӣ, иҷораи моликияти ҷумҳуриявӣ ва суди саҳмияҳои давлатӣ – 25000 ҳазор сомонӣ;

2) аз фурӯши векселҳои хазинадорӣ – 100000 ҳазор сомонӣ;

3) маблағҳои озоди буҷети ҷумҳуриявӣ ба ҳолати 1 январи соли 2020 – 34000 ҳазор сомонӣ;

4) аз ҳисоби маблағҳои қарзӣ ва грантии созмонҳои байналмилалии молиявӣ – 150000 ҳазор сомонӣ;

5) сарфаи маблағи озмунҳои хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ – 30580 ҳазор сомонӣ;

6) иҷрои барзиёдии нақшаи даромади буҷетҳои маҳаллӣ – 9936 ҳазор сомонӣ.

3. Маблағгузории пардохти қарзи асосии берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаҷми 1281321 ҳазор сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби хароҷоти ҷории буҷети ҷумҳуриявӣ 811321 ҳазор сомонӣ ва баргардонидани қарзи асосӣ аз рӯи ӯҳдадориҳои созишномаҳои зеркарзии соли 2020, ки маблағи 879000 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, 470000 ҳазор сомонӣ (ба истиснои ӯҳдадориҳои қарзи солҳои қаблӣ) аз ҳисоби ташкилотҳои зерин муқаррар карда мешавад:

1) Ширкати саҳомии холдингии кушодаи «Барқи тоҷик» – 391700 ҳазор сомонӣ;

2) Корхонаи воҳиди давлатии «Обу корези Душанбе» – 5700 ҳазор сомонӣ;

3) Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Ширкати Алюминийи тоҷик» – 25100 ҳазор сомонӣ;

4) Корхонаи воҳиди давлатии «Роҳи оҳани Тоҷикистон» – 20300 ҳазор сомонӣ;

5) Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷиктрансгаз» – 3200 ҳазор сомонӣ;

6) Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Помир энерҷи» – 4800 ҳазор сомонӣ;

7) Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе» – 11000 ҳазор сомонӣ;

8) Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Агроинвестбонк» – 4400 ҳазор сомонӣ;

9) Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷиксодиротбонк» – 3800 ҳазор сомонӣ.

4. Маблағгузории хизматрасонии қарзи дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба андозаи 846727 ҳазор сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби хароҷоти буҷети ҷумҳуриявӣ 247717 ҳазор сомонӣ, баргардонидани қарзҳои Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Агроинвестбонк» 540000 ҳазор сомонӣ ва Фонди стабилизатсионӣ оид ба рушди иқтисодиёт 59010 ҳазор сомонӣ муайян карда шавад.

**Моддаи 4. Ҳаҷми умумии даромад ва хароҷоти буҷети ҷумҳуриявӣ**

Ҳаҷми умумии буҷети ҷумҳуриявӣ аз рӯи даромад 11155600 ҳазор сомонӣ, аз рӯи хароҷот 11495180 ҳазор сомонӣ ва касри он дар ҳаҷми 339580 ҳазор сомонӣ тасдиқ карда шавад.

**Моддаи 5. Даромади буҷети ҷумҳуриявӣ аз рӯи манбаъҳои даромад**

Даромади буҷети ҷумҳуриявӣ ба маблағи 11155600 ҳазор сомонӣ аз рӯи манбаъҳои зерин муқаррар карда шавад, аз ҷумла:

1) андоз аз арзиши иловашуда – 6234440 ҳазор сомонӣ;

2) аксизҳо – 557792 ҳазор сомонӣ;

3) андоз аз фурӯш – 13308 ҳазор сомонӣ;

4) андоз барои захираҳои табиӣ – 260735 ҳазор сомонӣ;

5) андоз аз фоида – 398897 ҳазор сомонӣ;

6) андоз аз даромад – 946913 ҳазор сомонӣ;

7) боҷҳои гумрукӣ – 781000 ҳазор сомонӣ;

8) андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард – 465767 ҳазор сомонӣ;

9) даромадҳои дигари ғайриандозӣ – 1196748 ҳазор сомонӣ;

10) грантҳои созмонҳои байналмилалии молиявӣ – 300000 ҳазор сомонӣ.

**Моддаи 6. Хароҷоти буҷети ҷумҳуриявӣ аз рӯи гурӯҳбандии вазифавӣ**

**Хароҷоти буҷети ҷумҳуриявӣ аз рӯи гурӯҳбандии вазифавӣ дар ҳаҷми зерин тасдиқ карда шавад:**

1) маблағгузории бахши ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ – 931338 ҳазор сомонӣ, аз ҷумла:

а) мақомоти қонунгузор ва иҷроия – 220906 ҳазор сомонӣ;

б) сиёсати молиявӣ ва андозию буҷетӣ – 121271 ҳазор сомонӣ;

в) фаъолияти сиёсати беруна – 254024 ҳазор сомонӣ;

г) мақомоти дигари давлатӣ – 335137 ҳазор сомонӣ;

3) маориф – 788978 ҳазор сомонӣ, аз ҷумла:

а) таҳсилоти умумӣ – 194954 ҳазор сомонӣ;

б) таҳсилоти касбӣ – 481148 ҳазор сомонӣ;

в) фаъолияти дигар дар соҳаи маориф – 112876 ҳазор сомонӣ;

4) тандурустӣ – 282176 ҳазор сомонӣ, аз ҷумла:

а) беморхонаҳо – 148015 ҳазор сомонӣ;

б) марказҳои саломатӣ – 6797 ҳазор сомонӣ;

в) ҳифзи саломатии аҳолӣ – 45746 ҳазор сомонӣ;

г) фаъолияти дигар дар соҳаи тандурустӣ – 81618 ҳазор сомонӣ;

5) суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ – 557962 ҳазор сомонӣ, аз ҷумла:

а) суғуртаи иҷтимоӣ – 372915 ҳазор сомонӣ;

б) ҳифзи иҷтимоӣ – 60191 ҳазор сомонӣ;

в) фаъолияти дигар дар соҳаи суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ – 124856 ҳазор сомонӣ;

6) фарҳанг ва варзиш – 396366 ҳазор сомонӣ,

аз ҷумла:

а) чорабиниҳо оид ба тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш – 6326 ҳазор сомонӣ;

б) муассисаҳои фарҳангию маърифатӣ – 92903 ҳазор сомонӣ;

в) воситаҳои ахбори омма – 144134 ҳазор сомонӣ;

г) фаъолияти дигар дар соҳаи фарҳанг ва варзиш – 153003 ҳазор сомонӣ;

7) хоҷагии манзилию коммуналӣ, муҳити зист ва хоҷагии ҷангал – 86951 ҳазор сомонӣ;

8) комплекси сӯзишворию энергетикӣ – 2188262 ҳазор сомонӣ;

9) кишоварзӣ, моҳидорӣ ва шикор – 171775 ҳазор сомонӣ, аз ҷумла:

а) барои рушди соҳаи чорводорӣ – 2558 ҳазор сомонӣ;

б) барои чорабиниҳо оид ба мубориза бар зидди малах – 4000 ҳазор сомонӣ;

в) барои рушди муносибатҳои лизингӣ ва таъсису мукаммал намудани марказҳои хизматрасонӣ дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ – 25000 ҳазор сомонӣ;

г) барои чорабиниҳои зиддиэпизоотӣ – 2900 ҳазор сомонӣ;

10) саноат ва сохтмон – 230845 ҳазор сомонӣ;

11) нақлиёт ва коммуникатсия – 195251 ҳазор сомонӣ;

12) фаъолияти дигари иқтисодӣ ва хизматрасонӣ – 68745 ҳазор сомонӣ;

13) хароҷоте, ки ба категорияҳои дигар дохил карда нашудаанд – 3984244 ҳазор сомонӣ, аз ҷумла:

а) амалиёт бо ӯҳдадориҳои қарзии давлатӣ – 1741591 ҳазор сомонӣ, аз онҳо:

- амалиёт бо ӯҳдадориҳои қарзии дохилии давлатӣ – 141717 ҳазор сомонӣ;

- амалиёт бо ӯҳдадориҳои қарзии берунаи давлатӣ – 1599874 ҳазор сомонӣ;

б) хароҷоти шаҳри Душанбе барои амалӣ намудани вазифаҳои пойтахт – 25000 ҳазор сомонӣ;

в) Фонди хароҷоти пешбининашудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – 96000 ҳазор сомонӣ;

г) хароҷоти дигаре, ки аз рӯи соҳаҳои иқтисодиёт гурӯҳбандӣ нашудаанд – 2121653 ҳазор сомонӣ.

**Моддаи 7. Хароҷоти буҷети ҷумҳуриявӣ аз рӯи гурӯҳбандии идоравӣ ва барномавӣ**

2. Хароҷоти буҷети ҷумҳуриявӣ аз рӯи гурӯҳбандии барномавӣ тибқи замимаи 2 муқаррар карда шавад.

**Моддаи 8. Хароҷоти буҷети ҷумҳуриявӣ аз рӯи гурӯҳбандии иқтисодӣ**

Хароҷоти вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ аз рӯи гурӯҳбандии иқтисодӣ дар ҳаҷми 11495180 ҳазор сомонӣ муқаррар карда шавад, аз ҷумла:

1) пардохти музди меҳнат – 1922508 ҳазор сомонӣ, аз онҳо:

а) музди меҳнати кормандони асосӣ – 1824796 ҳазор сомонӣ;

б) музди меҳнати кормандони ҳайати техникӣ ва хизматрасонӣ – 97712 ҳазор сомонӣ;

2) маблағҷудокуниҳо ба эҳтиёҷоти иҷтимоӣ – 251537 ҳазор сомонӣ, аз онҳо:

а) аз ҳисоби музди меҳнати кормандони асосӣ – 218711 ҳазор сомонӣ;

б) аз ҳисоби музди меҳнати кормандони ҳайати техникӣ ва хизматрасонӣ – 24424 ҳазор сомонӣ;

в) суғуртаи тиббӣ ва суғуртаҳои дигар – 8402 ҳазор сомонӣ;

3) хариди мол ва хизматрасонӣ – 2593111 ҳазор сомонӣ, аз онҳо:

а) пардохти хизматрасонии коммуналӣ – 162240 ҳазор сомонӣ;

б) пардохти хизматрасонии алоқа – 95341 ҳазор сомонӣ;

в) хариди мол ва хизматрасонии дигар – 2335530 ҳазор сомонӣ;

4) хизматрасонии қарзҳои дохилӣ ва беруна – 1741591 ҳазор сомонӣ, аз онҳо:

а) пардохти қарзи асосӣ ва фоизҳои қарзи дохилӣ – 141717 ҳазор сомонӣ;

б) пардохти қарзи берунаи асосӣ – 811321 ҳазор сомонӣ;

в) пардохти фоизҳои қарзи берунаи асосӣ – 788553 ҳазор сомонӣ;

5) хароҷоти пардохти кумакпулиҳо (субсидияҳо) – 94925 ҳазор сомонӣ;

6) хароҷот барои трансфертҳо – 1209872 ҳазор сомонӣ;

7) кумакпулиҳои иҷтимоӣ – 189647 ҳазор сомонӣ;

8) трансфертҳои дигар – 347599 ҳазор сомонӣ;

9) амалиёт бо дороиҳо, ӯҳдадориҳо ва сармоягузорӣ – 3144390 ҳазор сомонӣ, аз ҷумла:

а) маблағгузории асосии мутамарказ – 2931207 ҳазор сомонӣ;

б) хариди мошинҳо ва таҷҳизот – 101370 ҳазор сомонӣ;

в) дороиҳои ғайримолиявии дигар – 105694 ҳазор сомонӣ;

г) хариди дороиҳои молиявии дохилӣ – 6119 ҳазор сомонӣ.

**Моддаи 9. Фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2020 ба маблағи 384000 ҳазор сомонӣ тасдиқ карда шавад.

**Моддаи 10. Мусоидати молиявӣ (субвенсия) ва кумаки молиявии беподош (дотатсия) аз буҷети ҷумҳуриявӣ ба буҷетҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҷудошаванда**

1. Ҳаҷми мусоидати молиявӣ (субвенсия) аз буҷети ҷумҳуриявӣ барои буҷетҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилояти Хатлон ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ барои пардохти фонди музди меҳнат ба маблағи 900568 ҳазор сомонӣ тасдиқ карда шавад, аз ҷумла барои:

1) Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон - 194583 ҳазор сомонӣ;

**(Давомаш дар саҳ.4-5)**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2020

**(Аввалаш дар саҳ.3)**

2) вилояти Хатлон – 485335 ҳазор сомонӣ;

3) ноҳияи Варзоб – 11941 ҳазор сомонӣ;

4) ноҳияи Рашт – 46662 ҳазор сомонӣ;

5) ноҳияи Лахш – 32179 ҳазор сомонӣ;

6) ноҳияи Нуробод – 35062 ҳазор сомонӣ;

7) ноҳияи Сангвор – 16979 ҳазор сомонӣ;

8) ноҳияи Тоҷикобод – 21637 ҳазор сомонӣ;

9) ноҳияи Файзобод – 34135 ҳазор сомонӣ;

10) ноҳияи Шаҳринав – 22055 ҳазор сомонӣ.

2. Ҳаҷми кумаки молиявии беподош (дотатсия) аз буҷети ҷумҳуриявӣ ба буҷети маҳаллии ноҳияи Сангвор ба маблағи 3200 ҳазор сомонӣ тасдиқ карда шавад.

3. Мусоидати молиявӣ (субвенсия) ва кумаки молиявии беподош (дотатсия) ба фондҳои мақсадноки давлатӣ, ба буҷети вилоятии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилояти Хатлон, шаҳру ноҳияҳои тобеи вилоятҳо ва ҷумҳурӣ ҳар моҳ аз рӯи иҷрои воқеии буҷети ҷумҳуриявӣ мустақиман аз буҷети ҷумҳуриявӣ ҷудо карда мешавад.

### Моддаи 11. Маблағҳои нақди гардони хазинавии буҷети ҷумҳуриявӣ

Маблағҳои нақди гардони хазинавии буҷети ҷумҳуриявӣ ба ҳолати 1 январи соли 2021 ба маблағи 142362 ҳазор сомонӣ тасдиқ карда шаванд.

### Моддаи 12. Ҳаҷми умумии даромад ва хароҷоти буҷетҳои маҳаллӣ

1. Ҳаҷми умумии буҷетҳои маҳаллӣ аз рӯи даромад бо дар назар доштани мусоидати молиявӣ (субвенсия) ва кумаки молиявии беподош (дотатсия), ки аз буҷети ҷумҳуриявӣ ҷудо карда мешаванд, ба маблағи 7297168 ҳазор сомонӣ, хароҷот ба маблағи 7307105 ҳазор сомонӣ ва касри буҷет ба маблағи 9936 ҳазор сомонӣ, аз ҷумла дар буҷети Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 1185 ҳазор сомонӣ, вилояти Хатлон 7290 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Варзоб 174 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Рашт 291 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Лахш 176 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Нуробод 176 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Сангвор 102 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Тоҷикобод 114 ҳазор сомонӣ, ноҳияи Файзобод 214 ҳазор сомонӣ ва ноҳияи Шаҳринав 214 ҳазор сомонӣ муайян карда шавад.

2. Касри буҷетҳои маҳаллӣ дар соли 2020 аз ҳисоби таъмини иҷрои барзиёдии даромад пӯшонида мешавад.

### Моддаи 13. Таносуби воридоти андозӣ ва ғайриандозӣ ба буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ

1. Дар соли 2020 ба буҷети ҷумҳуриявӣ даромади андозӣ ва ғайриандозии зерин ворид карда шаванд:

1) андоз аз фурӯши алюминийи аввалия – 100 фоиз;

2) боҷҳои гумрукӣ – 100 фоиз;

3) андоз аз арзиши иловашуда ва аксизи беруна – 100 фоиз;

4) дигар пардохтҳои ҳатмӣ ва даромадҳои ғайриандозии умумидавлатӣ (бо дар назар доштани муҷозоти молиявӣ), хироҷ барои ҳаракати воситаҳои нақлиёти автомобилии хориҷӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон – 100 фоиз;

5) аз Ширкати саҳомии холдингии кушодаи «Барқи тоҷик» – андоз аз арзиши иловашуда, андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард, андоз аз фоида, инчунин андозҳо барои захираҳои табиӣ (роялти барои об) – 100 фоиз;

6) аз Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Неругоҳи барқи обии Сангтӯда-1» андозҳо барои захираҳои табиӣ (роялти барои об) – 100 фоиз;

7) аз Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Ширкати Алюминийи тоҷик» – андоз аз арзиши иловашуда – 100 фоиз;

8) аз Корхонаи воҳиди давлатии «Роҳи оҳани Тоҷикистон» ва Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷиктелеком» - андоз аз арзиши иловашуда ва андоз аз фоида – 100 фоиз;

9) аз Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» – андоз аз фоида – 100 фоиз;

10) аз марказҳои идораи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, намояндагиҳои дипломатӣ, консулгариҳо ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда – андоз аз даромади шахсони воқеӣ – 100 фоиз;

11) аз ширкатҳои алоқаи мобилӣ (ба истиснои Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷиктелеком») – андоз аз арзиши иловашуда ва аксиз – 100 фоиз;

12) аз Бонки миллии Тоҷикистон – андоз аз арзиши иловашуда, андоз аз даромади шахсони воқеӣ, дигар пардохтҳои ҳатмӣ ва фоидаи боқимондаи баъди тасдиқи ҳисоботи соли 2019 – 100 фоиз;

13) аз Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди Тоҷикистону Америка «Корхонаи муштараки Анзоб», Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Ширкати кӯҳӣ–саноатии Тоҷикистону Хитой», Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди корхонаи муштараки «Зарафшон» – андоз аз фоида – 50 фоиз;

14) пардохти бонуси обунавии яккаратаи истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ аз ҳисоби истихроҷи маъданҳои фоиданок (ба ғайр аз канданиҳои фоиданоки маъмулӣ, обҳои зеризаминӣ ва лойи табобатӣ) – 100 фоиз;

2. Ҳиссаҷудокунӣ аз андозҳои умумидавлатӣ, ки аз андозсупорандагони дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қарордошта ворид мегардад, ба буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ аз рӯи таносуби (фоизҳои) зерин тасдиқ карда шавад:

1) андоз аз арзиши иловашуда:

а) ба буҷети вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо (ба ғайр аз вилояти Суғд, шаҳрҳои Душанбе, Роғун ва ноҳияи Рӯдакӣ) – 100 фоиз;

б) аз вилояти Суғд – 50 фоиз ба буҷети вилоят ва 50 фоиз ба буҷети ҷумҳуриявӣ;

в) аз шаҳри Душанбе – 50 фоиз ба буҷети шаҳр ва 50 фоиз ба буҷети ҷумҳуриявӣ;

г) аз шаҳри Роғун – 100 фоиз ба буҷети ҷумҳуриявӣ;

ғ) аз ноҳияи Рӯдакӣ – 96 фоиз ба буҷети ноҳия ва 4 фоиз ба буҷети ҷумҳуриявӣ;

2) андоз аз фоида:

а) ба буҷети вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо (ба ғайр аз шаҳри Роғун) – 100 фоиз;

б) аз шаҳри Роғун – 100 фоиз ба буҷети ҷумҳуриявӣ;

3) андоз аз даромад:

а) ба буҷети вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо (ба ғайр аз вилояти Суғд, шаҳрҳои Душанбе ва Роғун) – 100 фоиз;

б) аз вилояти Суғд – 33 фоиз ба буҷети вилоят ва 67 фоиз ба буҷети ҷумҳуриявӣ;

в) аз шаҳри Душанбе – 44 фоиз ба буҷети шаҳр ва 56 фоиз ба буҷети ҷумҳуриявӣ;

г) аз шаҳри Роғун – 54 фоиз ба буҷети шаҳр ва 46 фоиз ба буҷети ҷумҳуриявӣ;

4) андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард:

а) ба буҷети вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо (ба ғайр аз вилояти Суғд, шаҳрҳои Душанбе ва Роғун) – 100 фоиз;

б) аз вилояти Суғд – 100 фоиз ба буҷети ҷумҳуриявӣ;

в) аз шаҳри Душанбе – 100 фоиз ба буҷети ҷумҳуриявӣ;

г) аз шаҳри Роғун – 100 фоиз ба буҷети ҷумҳуриявӣ;

5) аксизҳои дохилӣ ба буҷети вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо – 100 фоиз;

6) андозҳои маҳаллӣ, боҷи давлатӣ, дигар пардохтҳои ҳатмии маҳаллӣ ва воридоти ғайриандозии маҳаллии дигар ба буҷети вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо – 100 фоиз.

3. Андозҳои танзимшавандае, ки ҳиссаи онҳо дар қисми даромади буҷети ҷумҳуриявӣ пешбинӣ шудаанд, саравал қатъан ба буҷети ҷумҳуриявӣ ворид карда шуда, баъдан ҳиссаҳои муайяншуда ба буҷетҳои маҳаллӣ гузаронида мешаванд.

4. Воридоти андоз аз истифобарандагони роҳҳои автомобилгард, ки аз нақшаи тасдиқгардида барзиёд ба буҷетҳои маҳаллӣ дохил шудааст, ба буҷети ҷумҳуриявӣ гузаронида мешавад.

5. Маблағи як намуди андозро ба дигар намуди андоз берун аз таъйинот гузаронидан, инчунин анҷом додани амалиёти пардохти андозҳои танзимшаванда ба буҷетҳои дахлдор, бидуни гузаронидани амалиёт тавассути Сарраёсати хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қатъан манъ аст.

### Моддаи 14. Буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа

1. Буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа барои соли 2020 аз рӯи даромад ба маблағи 3218703 ҳазор сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби андози иҷтимоӣ ба маблағи 3153703 ҳазор сомонӣ ва мусоидати молиявӣ (субвенсия) аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ ба маблағи 65000 ҳазор сомонӣ ва хароҷот ба маблағи 3218703 ҳазор сомонӣ мувофиқи замимаи 3 тасдиқ карда шавад.

2. Мусоидати молиявӣ (субвенсия) аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ дар ҳолате ҷудо карда мешавад, агар даромади буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа талаботи воқеии пардохти нафақа ва кумакпулиҳоро пурра таъмин карда натавонад.

3. Даромади буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа аз ҳисоби андози иҷтимоӣ, хароҷоти он барои пардохти нафақа ва кумакпулиҳои иҷтимоӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва ҳаҷми мусоидати молиявӣ (субвенсия), ки ба вилоят ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ҷудо карда мешавад, мувофиқи замимаи 4 тасдиқ карда шавад.

4. Ҳиссаҷудокуниҳо аз андози иҷтимоӣ, ки аз андозсупорандагони дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қарордошта ворид мешаванд, барои пардохти нафақа ва кумакпулиҳои иҷтимоӣ аз рӯи таносуби (фоизҳои) зерин тасдиқ карда шаванд:

1) аз Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Ширкати Алюминийи тоҷик» 100 фоиз ба суратҳисоби Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

2) дар шаҳри Душанбе 37,6 фоиз ба суратҳисоби Раёсати Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи шаҳр ва 62,4 фоиз ба Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

3) дар шаҳри Роғун 20,0 фоиз ба суратҳисоби шуъбаи Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи шаҳр ва 80,0 фоиз ба суратҳисоби Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

4) дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои дигари тобеи ҷумҳурӣ 100 фоиз ба суратҳисоби раёсат ва шуъбаҳои дахлдори Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

### Моддаи 15. Имтиёзҳои андозӣ ва гумрукӣ барои корхонаю ташкилотҳои алоҳида дар соли 2020

1. Андоз аз арзиши иловашуда танҳо барои корхонаҳои коркарди гандум (ба истиснои воридоти гандум барои истеҳсоли молҳои зераксизӣ) барои воридот, коркард ва фурӯши маҳсулоти аз гандум коркардшуда бо меъёри 10 фоиз муқаррар карда шавад. Баҳисобгирии андоз аз арзиши иловашуда, ки барои хариди молу маҳсулоти дигар (кор ва хизматрасонӣ), ҷиҳати таҳвил ва фурӯши маҳсулоти аз гандуми коркардшуда пардохта шудааст, наметавонад аз 10 фоиз зиёд бошад.

2. Воридоти техника, воситаҳои нақлиёти махсус ва қисмҳои эҳтиётии он, нақлиёти барқӣ, ки номгӯй ва миқдори онҳо аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардида, аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷети шаҳри Душанбе барои пурра намудани парки нақлиёти мусофиркашонӣ ва беҳтар гардонидани таъминоти соҳаи алоҳидаи шаҳри Душанбе харидорӣ мешаванд, аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ, ҳамчунин воридоти қувваи барқ ва гази табиӣ ба ҷумҳурӣ аз андоз аз арзиши иловашуда озод карда мешаванд.

3. Корхонаи воҳиди давлатӣ «Оид ба истеҳсол, харид, захира ва фурӯши маҳсулоти ниёзи аввалия дар шаҳри Душанбе» ҳангоми фурӯши озуқа, инчунин воридоти маҳсулоте, ки номгӯйи он аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мегардад, аз андоз аз арзиши иловашуда озод карда мешавад.

4. Воридоти мазути камсулфур барои эҳтиёҷоти Ҷамъияти саҳомии шакли кушодаи «Маркази барқу гармидиҳӣ»-и Душанбе, ки миқдори он аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад, аз андоз аз арзиши иловашуда, аксиз ва боҷи гумрукӣ озод карда мешавад.

5. Иҷрои кор ва хизматрасонии фармоишгар ва пудратчии асосии сохтмонҳои зерин аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда, андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард ва андоз аз фоида озод карда мешаванд, аз ҷумла: меҳмонхонаи «Исмоили Сомонӣ», воқеъ дар хиёбони Рӯдакии шаҳри Душанбе, сохтмони 5 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии таҳсилашон бо забони русӣ барои 1200 ҷойи нишаст (дар як баст) дар шаҳрҳои Душанбе, Бохтар, Хуҷанд, Кӯлоб ва Турсунзода аз ҷониби Федератсияи Россия, мактаб барои 1200 ҷойи нишаст дар маҳаллаи Чордаи шаҳри Ваҳдат, барои 1200 ҷойи нишаст дар деҳаи Элоки ноҳияи Файзобод аз ҷониби ширкати чинии «ТВЕА», мактаб барои 320 ҷойи нишаст дар шаҳри Бохтар, барои 320 ҷойи нишаст дар шаҳри Левакант, барои 640 ҷойи нишаст дар ноҳияи Данғара аз ҷониби ширкати хитоии «Синохайдро», мактаб барои 540 ҷойи нишаст дар хоҷагии Эргаш Султонови ноҳияи Дӯстӣ аз ҷониби Сафоратхонаи Ҷумҳурии Туркманистон, мактаб барои 630 ҷойи нишаст аз ҷониби Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар ноҳияи Спитамен (Ҷамъияти саҳомии «Ӯзбек темир йуллари») ва маҷмааи тандурустӣ барои 200 кат дар

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2020

ноҳияи Қубодиёни вилояти Хатлон (пудратчии генералӣ ва зерпудратчии сохтмонии Ҷумҳурии Ӯзбекистон). Инчунин идомаи сохтмони долонҳои иловагии зиддитармавӣ дар фосилаи муайяншудаи роҳи автомобилгарди Душанбе – Хуҷанд – Чанак, ки аз ҳисоби маблағгузории кумаки башардӯстонаи Ҳукумати Ҷумҳурии Исломии Покистон амалӣ карда мешавад, аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда, андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард ва андоз аз фоида озод карда мешаванд. Воридоти мол аз ҷониби фармоишгарон ва пудратчиёни асосии сохтмони иншооти мазкур тибқи номгӯй ва дар ҳаҷми тасдиқнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод карда мешаванд.

6. Воридоти ангишт аз хориҷи кишвар ба ҷумҳурӣ ба миқдори 7200 тонна барои қонеъ гардонидани талаботи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии ноҳияи Мурғоби Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод карда мешавад.

7. Иҷрои кор ва хизматрасонии фармоишгар ва пудратчии асосӣ оид ба сохтмони Театри миллии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе аз андоз аз арзиши иловашуда ва андоз аз фоида озод карда мешаванд.

8. Ба уҳдадориҳои қарзии андозҳои Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Неругоҳи барқи обии Сангтӯда-1», ки аз ҳисоби таҳвили қувваи барқ ба Ширкати саҳомии холдингии кушодаи «Барқи тоҷик» ба вуҷуд омадаанд, фоизҳои тибқи моддаи 73 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраргардида ҳисоб карда намешаванд.

10. Корҳои сохтмонӣ, молу масолеҳ, локомотивҳо ва вагонҳо, ки аз ҷониби Корхонаи воҳиди давлатии «Роҳи оҳани Тоҷикистон» барои сохтмони роҳи оҳани Ваҳдат – Ёвон ва барқарорсозии минтақаи фосилавии Ёвон – Вахш, инчунин баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонӣ ба мусофирон ворид мегарданд, аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод карда мешаванд. Номгӯй ва миқдори молу масолеҳи сохтмониро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

11. Федератсияи футболи Тоҷикистон, сохторҳои зертобеи он ва клубҳои футболи Тоҷикистон аз пардохти андозҳо аз молу мулки ғайриманқул, андоз аз воситаҳои нақлиёт, инчунин мураббиёну бозингароне, ки аз хориҷи кишвар барои рушди фаъолияти Федератсия ва клубҳои футбол ҷалб карда мешаванд, аз пардохти андоз аз даромад озод карда мешаванд.

12. Воридоти бланкҳои шиносномаҳои дорои ҳомили электронии иттилоот, ки аз ҷониби Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид мегарданд, аз пардохтҳои гумрукӣ ва хироҷи гумрукӣ озод карда мешавад.

13. Воридоти тухмии зироатҳои кишоварзии дараҷаи суперэлита ва элита, чорвои зотӣ ва гӯштӣ, инчунин ҳама намуди хӯроки чорво аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод карда мешавад.

**Моддаи 16. Ҳиссагузорӣ ба Фонди стабилизатсионӣ оид ба рушди иқтисодиёт аз ҳисоби иҷрои барзиёдии даромади буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ**

Муқаррар карда шавад, ки дар соли 2020 аз ҳисоби иҷрои барзиёдии нақшаи қисми даромади буҷетҳои тасдиқшудаи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо 20 фоиз ва буҷети тасдиқшудаи ҷумҳуриявӣ 30 фоиз баъд аз пӯшонидани касри буҷет ба Фонди стабилизатсионӣ оид ба рушди иқтисодиёт равона карда мешавад.

**Моддаи 17. Муқаррарот оид ба амонатгузории маблағи озоди буҷети ҷумҳуриявӣ, суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа дар бонкҳо**

Бо мақсади зиёд намудани даромади буҷет, маблағҳои озоди буҷети ҷумҳуриявӣ, суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа, ки ба ҳолати 1 январи соли 2020 ба вуҷуд меоянд, ҳамчун амонат бо фармоиши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба давраи кӯтоҳмуҳлат дар давоми соли буҷетӣ ҷойгир карда мешаванд.

**Моддаи 18. Моддаҳои ҳимояшавандаи Буҷети давлатӣ**

1. Ба моддаҳои ҳимояшавандаи хароҷоти буҷет музди меҳнат, маблағҷудокуниҳо ба эҳтиёҷоти иҷтимоӣ, идрорпулӣ, нафақа, кумакпулӣ, ҷубронпулӣ ва пардохти хизматрасонии коммуналӣ дохил карда шаванд.

2. Ҳангоми зарурат ва мавҷуд будани сарфа аз рӯи моддаҳои дахлдори хароҷот, дар ҳолати набудани қарз аз рӯи онҳо, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти маҳаллии он ва Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд бо тартиби муқаррургардида ба нақшаи тасдиқшудаи моддаҳои хароҷот тағйироти дахлдор ворид намоянд.

**Моддаи 19. Пардохти ҳатмӣ ба буҷети ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ аз ҳисоби маблағҳои махсуси муассисаю ташкилотҳои буҷетӣ ва муқаррарот оид ба хароҷоти маблағҳои махсус**

1. Маблағҳои махсуси вазорату идораҳо, муассисаю ташкилотҳои аз ҳисоби буҷети дахлдор маблағгузоришаванда дар қисмати даромаду хароҷоти сметаҳои ягонаи онҳо ба ҳисоб гирифта мешаванд. Аз ҳисоби маблағҳои махсуси ташкилоту муассисаҳо пардохти ҳатмӣ ба буҷетҳои дахлдор ба андозаи зерин муқаррар карда мешавад:

1) Раёсати бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон – 45 фоиз;

2) Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёт – 40 фоиз;

3) муассисаҳои томактабӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ – 1 фоиз, таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ, миёнаи касбӣ ва муассисаҳои соҳаи тандурустӣ – 5 фоиз, муассисаҳои дигари соҳаи маориф, илм ва фарҳанг – 10 фоиз;

4) муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, дастгоҳҳои марказӣ ва мақомоти Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон – 15 фоиз;

5) ташкилотҳои дигари буҷетӣ – 20 фоиз;

6) аз маблағҳои грантӣ, сарпарастӣ, фонди иҷораи китобҳои дарсӣ, мақсадноки супоришӣ аз ҳисоби Буҷети давлатӣ, маблағҳои аз ҳисоби хироҷ барои додани шиносномаи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон воридгардида ва Хазинаи сарватҳои давлатии назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохти мазкур ситонида намешавад.

2. Пардохти ҳатмӣ аз ҳисоби маблағҳои махсуси ташкилотҳои буҷетӣ ба буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ ҳар семоҳа на дертар аз санаи 25-уми баъди давраи ҳисоботӣ гузаронида мешавад.

3. Истифодаи маблағҳои махсуси ташкилотҳои буҷетӣ (ба истиснои маблағҳои грантӣ ва сарпарастӣ) берун аз низоми хазинадорӣ тавассути ташкилотҳои қарзӣ қатъан манъ аст. Дар ҳолати риоя нагардидани низоми мазкур, маблағҳои ошкоргардида пурра ба даромади буҷети дахлдор ситонида мешаванд.

4. Дар сурати аз ҳаҷми маблағи дар Буҷети давлатӣ тасдиқшуда кам ва ё зиёд ворид гардидани маблағҳои махсуси ташкилотҳои буҷетӣ Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти маҳаллии он ба сметаи даромад ва хароҷоти онҳо ва ба қисми даромад ва хароҷоти Буҷети давлатӣ тағйироти дахлдор ворид менамоянд.

5. Дар ҳолати иҷро нагардидани қисми даромади Буҷети давлатӣ дар соли 2020 ва норасоии маблағ барои маблағгузории хароҷоти пешбинишуда, аз ҷумла пардохти музди меҳнат, қувваи барқ, об ва хизматрасонии дигари коммуналӣ, пардохтҳои номбаршударо вазорату идораҳо ва ташкилотҳои буҷетӣ аз ҳисоби маблағҳои махсус амалӣ менамоянд.

6. Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби додани сертификат ва Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби истифодабарии захираҳои рақамгузорӣ 50 фоизи маблағро ба даромади буҷети ҷумҳуриявӣ пардохт менамоянд. Боқимонда 50 фоизи воридоти маблағ ба суратҳисоби Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон андозбандӣ мегардад. Маблағҳои боқимондаи Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ихтиёри он мононда шуда, тартиби дар қисми 1 моддаи мазкур пешбинишуда нисбати он татбиқ намегардад.

7. Маблағҳое, ки аз ҳисоби хизматрасонии консулии (ба истиснои пардохт барои додани шиносномаҳои хориҷии дорои ҳомили электронии иттилоотӣ ва шиносномаҳои шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон (кортҳои идентификатсионӣ) Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндагиҳои дипломатӣ ва консулгариҳо дар хориҷи кишвар ворид мегарданд, баъди пардохт мутобиқи қисми 1 моддаи мазкур ба буҷети ҷумҳуриявӣ барои маблағгузории фаъолияти онҳо ва сохтмону таъмири биноҳои маъмурӣ равона карда мешаванд. Маблағҳои аз ҳисоби додани шиносномаҳои хориҷии дорои ҳомили электронии иттилоотӣ ва шиносномаҳои шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон (кортҳои идентификатсионӣ) воридгардида пурра ба фонди андӯхтӣ гузаронида шуда, хароҷоташон бо санади дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешаванд.

8. Бақияи маблағҳои буҷетӣ ва махсуси намояндагиҳои дипломатӣ ва консулгариҳо дар хориҷи кишвар, ки ба ҳолати 1 январи соли 2020 ба вуҷуд меоянд, дар ҳаҷми маблағгузории хароҷоти буҷети соли молиявии ҷорӣ ба ҳисоб гирифта мешавад.

9. Дар ҳолати норасоии маблағҳои буҷетӣ барои нигоҳдории намояндагиҳои дипломатӣ, консулгариҳо ва намояндагиҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фарқияти он аз ҳисоби маблағҳои махсуси вазорату идораҳои дахлдор амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 20. Суратҳисоби махсуси захираҳои иловагии молиявӣ барои маблағгузории сохтмони иншооти муҳими давлатӣ**

1. Воридот ба суратҳисоби махсуси захираҳои иловагии молиявӣ барои маблағгузории сохтмони иншооти муҳими давлатӣ ба андозаи 5 фоиз муқаррар карда шавад, аз ҷумла:

1) аз ҳисоби иҷрои барзиёдии қисми даромади буҷетҳои тасдиқшудаи маҳаллӣ;

2) аз ҳисоби маблағҳои махсуси:

а) муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳуриявӣ;

б) Раёсати бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

в) Хадамоти шиносномадиҳӣ ва бақайдгирии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

г) ташкилотҳои Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

ғ) ташкилотҳои дигари буҷетӣ, ба истиснои муассисаҳои томактабӣ, таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, муассисаҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ;

3) аз ҳисоби маблағҳои махсуси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаҷми 10 фоиз муқаррар карда шавад;

4) ворид намудани маблағҳо ба суратҳисоби махсуси захираҳои иловагии молиявӣ барои маблағгузории сохтмони иншооти муҳими давлатӣ бо тартиби муқаррургардида тибқи дастурамали аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқгардида амалӣ карда мешавад.

2. Хароҷоти маблағҳо аз суратҳисоби махсуси захираҳои иловагии молиявӣ барои маблағгузории сохтмони иншооти муҳими давлатӣ бо фармоишҳои дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешаванд.

**Моддаи 21. Имтиёзҳо барои хизматчиёни ҳарбӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва мақомоти қудратии дигар**

1. Имтиёзи рафтуомад ба маҳалли гузаронидани рухсатӣ барои хизматчиёни ҳарбӣ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки барои хизматчиёни онҳо дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин имтиёз муқаррар гардидааст, дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда дар доираи маблағҳои пешбинигардида дар як сол як маротиба пардохта мешавад.

3. Пардохти ҷубронпулӣ дар сурати бо амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати казармавӣ гузаронидани хизматчиёни ҳарбӣ, шахсони ҳайати қаторӣ ва роҳбарикунандаи мақомоти корҳои дохилӣ, кормандони мақомоти дигаре, ки дар ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ ва амният иштирок мекунанд, дар доираи маблағи барои фонди музди меҳнат тибқи Қонуни мазкур дар сметаҳои ягонаи даромад ва хароҷоти вазорату идораҳои дахлдор тасдиқшуда анҷом дода мешавад.

**(Давомаш дар саҳ.6)**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2020

(Аввалаш дар саҳ.3-5)

**Моддаи 22. Муқаррарот оид ба ҳавасмандгардонии кормандон ва таҳкими заминаи моддию техникии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Аз 1 январи соли 2020 барои ҳавасмандгардонии кормандон ва таҳкими заминаи моддию техникии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 фоизи маблағҳои умумии пинҳонкардашудаи (кам нишондодашудаи) андоз, фоиз ва ҷарима аз рӯи онҳо, ба истиснои андози иҷтимоӣ, низомҳои махсуси андозбандӣ ва андозҳои маҳаллӣ, ки дар ҷараёни фаъолияти назоратӣ ошкор гардидаанд, ба Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 30 фоизи маблағҳои хироҷи гумрукӣ ба Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон равона карда мешаванд.

2. Маблағҳо аз ҳисоби даромадҳои андозӣ, ба истиснои андозҳо ва низомҳои махсуси дар қисми 1 моддаи мазкур нишондодашуда, бо тартиби марказонидашуда 100 фоиз ба буҷети ҷумҳуриявӣ бо намудҳои андоз ворид карда шуда, ҳиссаи он мутобиқи қисми 1 моддаи мазкур ба Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуда, барои маблағгузории тадбирҳои пешбинишуда истифода мешаванд. Тартиби дар моддаи 19 Қонуни мазкур пешбинигардида нисбат ба онҳо татбиқ намегардад.

3. Маблағҳое, ки дар ҷараёни фаъолияти назоратӣ аз ҳисоби андози иҷтимоӣ, адозҳои маҳаллӣ ва низомҳои махсуси андозбандӣ ошкор гардидаанд, аз рӯи тaъйинoташон пурра ба буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа ва буҷетҳои маҳаллӣ гузаронида шаванд.

**Моддаи 23. Андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо**

Аз 1 январи соли 2020 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷиҳати ҳисобкунии андоз, боҷ, дигар пардохтҳои ҳатмӣ, муҷозоти ҷаримавӣ, пардохтҳои иҷтимоӣ, инчунин барои ҳисобкунии ин ё он бузургиҳои арзишии ҳадди ниҳоӣ (поёнӣ ё болоӣ), ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда мешаванд, дар ҳаҷми 58 сомонӣ муқаррар карда шавад.

**Моддаи 24. Муқаррарот оид ба пардохти маблағ тибқи санадҳои судӣ ва ба буҷет ворид намудани ҷаримаҳо ва дигар пардохтҳо ҳангоми риоя накардани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Муқаррар карда шавад, ки иҷрои санадҳои судӣ дар бораи ҷуброни зарари моддию маънавии аз тарафи кормандони мақомоти идоракунии давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқ ҳангоми адои вазифаҳои хизматӣ расонидашуда, аз ҳисоби маблағҳои сметаи ягонаи даромад ва хароҷоти онҳо амалӣ карда мешаванд.

2. Муқаррар карда шавад, ки маблағҳои аз ҳисоби татбиқи чораҳои маҷбуркунӣ барои риоя накардани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла аз ҳисоби мусодираи молу мулк, ҷарима, пеня, ҷубронпулӣ воридшуда ва ҳамчунин ҷуброни зарари молиявии дар натиҷаи риоя накардани интизоми молиявӣ ба буҷети ҷумҳуриявӣ расонидашуда, ба истиснои маблағҳое, ки аз вайронкунандагони қонунгузорӣ дар соҳаи заминсозӣ ситонида мешаванд, ба даромади буҷети ҷумҳуриявӣ гузаронида шаванд.

**Моддаи 25. Тасдиқи ҳисобот оид ба иҷрои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018**

1. Ҳисобот оид ба иҷрои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 аз рӯи даромад ба маблағи 23925499 ҳазор сомонӣ, аз рӯи хароҷот ба маблағи 24187383 ҳазор сомонӣ бо барзиёдии хароҷот нисбат ба даромад ба маблағи 261884 ҳазор сомонӣ тасдиқ карда шавад.

2. Хароҷоти воқеии Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 барои ухдадориҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла барои пардохти қарзи асосии беруна, бо дар назар доштани хизматрасонии он ба маблағи 1700011 ҳазор сомонӣ тасдиқ карда шавад.

**Моддаи 26. Муқаррарот оид ба ворид намудани тағйирот ба Буҷети давлатӣ**

1. Дар ҳолати барзиёд ё кам иҷро гардидани қисми даромади Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2020 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ба қисмҳои даромад ва хароҷоти Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла ба қисмҳои даромад ва хароҷоти буҷети ҷумҳуриявӣ барои соли 2020 мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бе тағйир додани ҳаҷми касри буҷет тағйирот ворид намояд.

2. Бо сабаби тағйир ёфтани ҳаҷми истеҳсолот (кор ва хизматрасонӣ), андозаи нарх, меъёри андоз, заминаи андозбандӣ, инчунин тағйирёбии сохтори ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ, ки аз санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабулнамудаи мақомоти давлатӣ бармеоянд, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қисмҳои даромад ва хароҷоти буҷетҳои дахлдор тағйирот ворид намуда, бо тартиби муқarраргардида дар байни буҷети ҷумҳуриявӣ, буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа ва буҷетҳои маҳаллӣ ҳисоби байниҳамдигарӣ мегузаронад.

3. Мақомоти молия дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе чунин ҳисобҳои байниҳамдигариро метавонанд байни буҷетҳои маҳаллии дахлдор амалӣ намоянд.

**Моддаи 27. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур аз 1 январи соли 2020 мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Эмомалӣ РАҲМОН**

*ш. Душанбе, 26 ноябри соли 2019, №1650*

# ҚАРОРИ

## Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

### Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2020» ва дурнамои нишондиҳандаҳои Буҷети давлатӣ барои солҳои 2021 - 2022

**Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2020» қабул карда шавад.

2. Дурнамои нишондиҳандаҳои даромад ва хароҷоти Буҷети давлатӣ барои:

- соли 2021 аз рӯи даромад ба маблағи 28635562 ҳазор сомонӣ, аз рӯи хароҷот ба маблағи 29125647 ҳазор сомонӣ ва касри буҷет ба маблағи 490085 ҳазор сомонӣ ё 0,5 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ;

- соли 2022 аз рӯи даромад ба маблағи 30983052 ҳазор сомонӣ, аз рӯи хароҷот ба маблағи 31527017 ҳазор сомонӣ ва касри буҷет ба маблағи 543965 ҳазор сомонӣ ё 0,5 фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ муайян карда шавад.

3. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи миёнамуҳлат қарорҳоеро, ки аз ҳисоби Буҷети давлатӣ маблағгузориро талаб менамоянд, дар доираи нишондиҳандаҳои муқаррарнамудаи хароҷоти Буҷети давлатӣ барои солҳои 2020-2022 қабул намояд. Ҳангоми пешниҳод намудани лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2021» мувофиқи тағйирёбии нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва рушди соҳаҳои иқтисодиёт нишондиҳандаҳои Буҷети давлатиро барои солҳои 2022-2023 аниқ намояд.

4. Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ваколатҳои худ назорати иҷрои буҷетро ба роҳ монда, истифодаи мақсаднoку самарабахши маблағҳои буҷетиро аз ҷониби маблағгирандагон таҳлил ва ҳангоми зарурат натиҷаи таҳлилро барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд.

5. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- ҳаҷми умумии Буҷети давлатии муқарраршудаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои соли 2020 аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ ба маблағи 26053957 ҳазор сомонӣ ва ҳаҷми умумии хароҷот ба маблағи 26403473 ҳазор сомонӣ бо барзиёдии хароҷот нисбат ба манбаъҳои маблағгузорӣ 349516 ҳазор сомонӣ барои иҷро қабул намояд;

- маблағгузории чорабиниҳои дар буҷет пешбинишударо дар доираи маблағҳои тасдиқшуда мутаносибан баробари даромади воқеӣ таъмин намояд;

- бо мақсади кам кардани бақияпулӣ аз рӯи пардохти андозҳо ва пардохтҳои иҷтимоии солҳои гузашта, бо назардошти зарурати ихтисор кардани қарзи муассисаҳои буҷетӣ аз корхонаҳо ва ташкилотҳо, ки то 1 январи соли 2020 ба вуҷуд омадааст, инчунин қарзи ташкилотҳои буҷетӣ аз рӯи андозҳо, бо тартиби муқарраргардида бе тағйир додани иҷрои воқеии даромад ва хароҷоти буҷет ҳисоббаробаркуниро байни онҳо гузаронад;

- оид ба иҷрои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2020 ҳар се моҳ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намояд;

- дар бораи истифодаи маблағҳои Фонди стабилизатсионӣ оид ба рушди иқтисод ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи солона пешниҳод намояд;

- тавассути воситаҳои ахбори омма ҳар се моҳ аз рафти иҷрои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2020 маълумот диҳад.

6. Ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад, ки пӯшонидани касри буҷети ҷумҳуриявиро ба маблағи 100000 ҳазор сомонӣ бо роҳи бароριши векселҳои давлатии хазинадорӣ, инчунин ҷалби грантҳо ва қарзҳои имтиёзнок аз ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ амалӣ намояд.

7. Бонки миллии Тоҷикистон:

- якҷоя бо Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк», Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи меъёрҳои муқаррарнамудаи моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2020» сари вақт ба буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ гузарондани андозу даромадҳоро таъмин намояд;

- аз рӯи амалиёти вобаста ба хизматрасонии ухдадориҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати агенти Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон амал карда, иҷрои ҳисобу китоб ва пардохтҳоро оид ба ухдадориҳои қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин намояд;

- бо мақсади сари вақт иҷро кардани пардохтҳои асъории Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2020 мубодилаи маблағҳои буҷетиро ба асъори хориҷӣ мувофиқи дархости Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи қурби расмии асъор таъмин намояд;

- барои тамдид намудани муҳлати пардохти қарзи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар соли 2019 аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ҷудо карда шудааст, дар мувофиқа бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то оғози соли навбатии молиявӣ шартномаи дахлдорро ба имзо расонад.

8. Назорати иҷрои Қарори мазкур ба зиммаи Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия вогузор карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Ш. ЗУҲУРОВ**

**ш. Душанбе, 22 ноябри соли 2019, №1507**

# Ҳолати андозбандии субъектҳои МОИ

**Чаро аз ҷониби субъектҳои МОИ шумораи коргарони кироя ва фонди музди меҳнати ба онҳо пардохтшаванда дуруст нишон дода намешавад?**

Минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини шароити мусоид барои суръат бахшидан ба рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ, таъмини шуғли аҳолӣ, рушди бемайлони иқтисодиёт дар асоси ҷалби техника ва технологияи нав, таҷрибаи пешқадами хориҷӣ, муттаҳидсозӣ ва истифодаи маҷмӯии сармояи давлатӣ, тиҷоратӣ ва хориҷӣ, санҷиши усулҳои нави хоҷагидорӣ, ки ба омезиши шаклҳои гуногуни моликият асос ёфтаанд, дар иқтисодиёт ҷорӣ намудани ихтироот ва коркарди илмию техникии ватаниву хориҷӣ бо истифодаи минбаъдаи онҳо дар дигар ташкилотҳои ҷумҳуриявӣ, густариши истеҳсолоти молҳои истеъмолӣ ва хизматрасониҳо, афзун намудани содироти маҳсулот ва ҳалли дигар вазифаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ташкил мешаванд.

Тибқи маълумоти Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 1.11.2019 дар МОИ – и "Суғд" 23 адад, МОИ – и "Панҷ" 10 адад, МОИ – и "Данғара" 23 адад ва МОИ – и "Ишкошим" 3 адад ширкатҳои ватаниву хориҷӣ ҳамчун субъекти МОИ ба қайд гирифта шудаанд.

Сармутахассиси Раёсати ташкили андозбандии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷомии Абдураҳмон меғӯяд, ки гарчанде мутобиқи талаботи қонунгузории андоз субъектҳои МОИ аз пардохти ҳама намуди андозҳо, ба истиснои андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ озод бошанд ҳам, вале тибқи талаботи қисми 1 моддаи 326 Кодекси андоз ҳисобкунӣ, тартиб ва мӯҳлати пардохти андозҳои барои субъектҳои МОИ муқарраршуда, инчунин аз ҷониби онҳо пешниҳод намудани эъломияҳо ва ҳисоботи дигари андоз бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси андоз бояд амалӣ карда шавад.

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки маблағҳои ҳисобшудаи субъектҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар 10 моҳи соли 2019 ба 10,4 млн. сомонӣ баробар буда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба андозаи 4,1 млн.сомонӣ зиёд мебошад. Маблағҳои ҳисобшудаи



андозҳои субъектҳои МОИ ҳарчанд, дар маҷмӯъ, афзоиш ёфтааст, аммо дар фаъолияти баъзе аз субъектҳо ҳолати камшавии он ба назар мерасад. Масалан, маблағҳои ҳисобшудаи ҶДММ "Азияполитекс" 8,1 ҳазор сомонӣ, ҶДММ "Роял корпорейшн" 240,6 ҳазор сомонӣ, ҶДММ "Ширкати сохтмонии Хуҷандсоз" 134,9 ҳазор сомонӣ, ҶДММ "Стар пласт" 62,8 ҳазор сомонӣ, ҶДММ "Оро" 110,5 ҳазор сомонӣ, ҶДММ "Ширкати муҳандисию сохтмонии Ҷинокко" 93,3 ҳазор сомонӣ ва ҶДММ "Ауфен" ба маблағи 668,1 ҳазор сомонӣ кам гардидааст.

Тибқи иттилои манбаъ, мушкили дигаре, ки дар фаъолияти субъектҳои МОИ дида мешавад, аз ҷониби онҳо бо мақсади канораҷӯӣ аз андозбандӣ, пурра ва дуруст нишон дода нашудани шумораи коргарони кироя ва фонди музди меҳнати ба онҳо пардохтшаванда ба ҳисоб меравад.

Дар ин давра шумораи коргарони кирояи субъектҳои МОИ, дар маҷмӯъ, 1022 нафарро ташкил медиҳад, ки ин нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 47 адад зиёд аст. Дар баробари ин, бояд қайд кард, ки дар фаъолияти баъзе аз субъектҳои МОИ ҳолатҳои кам нишон додани шумораи коргарони кироя ба назар мерасад. Масалан, субъекти МОИ – и "Данғара" ҶДММ "Грин голд" ба фаъолияти коркард, воридот, содироти писта ва меваи хушк машғул мебошад. Новобаста аз он ки даромади умумии ҷамъият нисбат ба давраҳои гузашта ба таври назаррас зиёд гардидааст, аммо бо мақсади кам ҳисоб ба пардохт намудани андозҳо, шумораи коргарони кирояи худро дар соли 2018-ум 16 нафар ва дар соли 2019-ум 11 нафар нишон додааст, ки ин, умуман, ба воқеият рост намеояд. Ғайр аз ин, ҷамъияти мазкур музди миёнаи моҳонаи коргарони кирояи худро дар ин давра ба маблағи 619,5 сомонӣ нишон додааст, ки нишондиҳандаи мазкур нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба маблағи 112,5 сомонӣ кам мебошад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки новобаста аз зиёд гардидани ҳаҷми корҳои истеҳсолӣ ва дар маҷмӯъ, афзоиш ёфтани даромадҳои субъектҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва сарфи назар аз ҳама имтиёзҳои андозӣ чунин ҳолати кам гардидани шумораи коргарони кироя нисбат ба давраҳои гузашта дар фаъолияти аксари субъектҳои МОИ ба назар мерасад. Ҳамзамон, таҳлилҳои гузаронидашуда нишон медиҳанд, ки музди миёнаи моҳонаи коргарони кирояи субъектҳои МОИ ба таври лозим афзоиш наёфта, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ҳамагӣ ба маблағи 15,6 сомонӣ ё 1,1 фоиз зиёд шудааст.

Хотиррасон мешавем, ки субъектҳои МОИ дар асоси талаботи қонунгузории андоз аз иҷрои ӯҳдадориҳои агенти андоз озод нестанд. Яъне субъектҳои МОИ ӯҳдадор мебошанд, ки андоз аз суди саҳмияро ҳисоб намуда, ҳисоботи онро ба мақомоти андоз пешниҳод намоянд. Аммо, тавре таҳлили ҳисоботи пешниҳоднамудаи субъектҳои минтақа нишон медиҳад, мутаассифона, аз ҷониби на ҳамаи онҳо андози даромад аз суди саҳмияҳо ҳисоб карда шудааст.

Тибқи махзани маълумоти Кумитаи андоз муайян шудааст, ки аз 56 адад субъекти МОИ 27 адади онҳо тавозуни муҳосибии худро барои давраи ҳисоботии соли 2018 ба мақомоти андоз пешниҳод накардаанд, ки аз ин 6 адад ба МОИ - и"Суғд", 9 адад ба МОИ – и "Панҷ" ва 12 адад ба МОИ – и "Данғара" рост меояд.

Даромади умумии субъектҳои МОИ дар соли 2018 ба 181,1 млн. сомонӣ баробар гардида, суръати афзоиши он нисбат ба соли 2017 - ум 174,0 фоизро ташкил медиҳад. Аммо фоидаи софи онҳо дар соли 2018 ҳамагӣ 8,5 млн. сомониро ташкил медиҳад, ки ин ба 4,7 фоизи даромади умумии субъектҳо баробар мебошад. Ҳол он ки вазни қиёсии фоидаи софи субъектҳои МОИ нисбат ба даромади умумӣ дар соли 2017 мутаносибан 5,3 фоизро ташкил медод. Сабаби асосии кам нишон додани фоидаи соф аз ҷониби субъектҳои МОИ, пеш аз ҳама, дар ҳисоботи андоз пурра нишон надодани даромади умумӣ ва ба ҳисоб гирифтани хароҷоти беасос мебошад.

Тавре аз таҳлилҳои гузаронидашуда бармеояд, аз ҷониби баъзе ширкатҳое, ки дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ фаъолият карда истодаанд, фоидаи соф барои давраи ҳисоботии соли 2018 ба маблағҳои ночиз нишон дода, дар баробари ин, андози даромад аз суди саҳмияҳо ҳисоб ва пардохт нашудааст. Масалан, ҶДММ "Корхонаи муштараки тоҷикӣ-туркии "Арча мебел" дар МОИ - и "Суғд" ба фаъолияти истеҳсоли мебел машғул буда, дар тавозуни муҳосибӣ даромади умумии худро барои давраи ҳисоботии соли 2018 ба маблағи 2,6 млн. сомонӣ ва фоидаи софи худро ба маблағи 53,9 ҳазор сомонӣ ё 2,1 фоизи даромади умумӣ нишон додааст, ки ба воқеият рост намеояд. Ғайр аз ин, ҷамъияти мазкур ӯҳдадориҳои андозии худро пурра иҷро накарда, маблағи андози даромад аз суди саҳмияҳоро барои соли 2018 ҳисоб ва ба буҷет пардохт накардааст.

Мисоли дигар. Муассисаи таълимии ғайридавлатии "Коллеҷи техникии шаҳри Хуҷанд" дар минтақаи озоди иқтисодии "Суғд" ба фаъолияти таълими техникӣ ва паркҳои технологӣ машғул мебошад. Муассисаи мазкур даромади умумии худро барои давраи соли 2018 ба маблағи 2,3 млн. сомонӣ ва фоидаи софро ба маблағи 38,6 ҳазор сомонӣ ё 1,7 фоиз аз даромади умумӣ нишон дода, ҳамзамон, аз ҷониби муассиса маблағи андози даромад аз суди саҳмияҳо ҳисоб ва пардохт нагардидааст.

Қобили зикр аст, ки чунин ҳолати канораҷӯӣ аз андозбандӣ ва ба фоидаи ночиз ҷамъбаст намудани фаъолияти молиявӣ дар фаъолияти дигар субъектҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ низ ба назар мерасад

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

## Всемирный банк назвал главные риски для российской экономики

**ВБ прозгонирует рост ВВП России в 2019 году в размере 1,2%**

Всемирный банк немного улучшил прогноз по росту российской экономики: теперь регулятор ожидает, что прирост ее ВВП в 2019 г. составит 1,2%, в 2020 г. — 1,6%, в 2021 г. — 1,8%. Так говорится в докладе Всемирного банка по экономике РФ, пишет РБК.

Ожидания международного института от российской экономики стали немного оптимистичнее по сравнению с октябрьским прогнозом, в котором ожидался рост на 1% по итогам 2019 г. С начала года ВБ несколько раз понижал свой прогноз — изначально с 1,8%. Правительство России прогнозирует рост на 1,3% в нынешнем году, оценка ЦБ РФ чуть ниже и примерно совпадает с прогнозом ВБ.

Несмотря на разгон российской экономики в третьем квартале (до 1,7% год к году), замедление относительно 2018 г. произойдет под влиянием глобальных и внутренних факторов, утверждают эксперты Всемирного банка. По их словам, в прогнозе экономического роста преобладают понижающие риски.



**Источник: http://taxpravo.ru**

# Асрори муваффақияти миллионерҳо

**Шумо ҳатто тасаввур карда наметавонед, ки ба мустақилияти молиявӣ чӣ гуна зуд ва осон ноил гардидан мумкин аст.**

**(Брайан ТРЕЙСИ)**

Барои ба ҷодаи муваффақияти молиявӣ ноил шудан ҳар шахсро зарур аст, ки зинаҳои гуногун ва пурталотуми ҳадафрасашро бо таҳаммул ва иродаи мустаҳкам тай намояд. Яке аз соҳибкорони муваффақ ва равоншиноси оламшумул Брайан Трейси натиҷаи таҳқиқу омӯзиш ва таҷрибаи шахсии худро, ки доир ба асрори муваффақияти миллионерҳо мебошад, гирд овардааст.



Ӯ дар асараш «21 асрори муваффақияти миллионерҳо» овардааст: «Ман ҳаминро донистам, ки барои дар ҳаёт ба муваффақияти калон ноил шудан, шумо бояд инсоне шавед, ки хислатҳои хос ва фарқкунанда дошта бошед. Барои аз дигарон фарқ кардан шумо бояд дар худ ҳамин гуна хислату малакаҳоро рушд диҳед, ки одамони миёнаҳол онҳоро надоранд. «Асрорҳои муваффақият», ки дар ин ҷо ифода гардидаанд, калиди муваффақияти аслӣ ва воқеан калон дар ҳар гуна соҳаи ҳаёт мебошанд. Бар замми ин, шумо дар рафти татбиқи он ҳамзамон боз пул кор кардан мегиред. Ин принсипҳо ончунон пуриқтидоранд, ки шумо онҳоро барои дастрас намудан ба ҳар гуна мақсади дигар, ки онро ҳадафи худ қарор додаед, истифода карда метавонед. Бисёре аз метод ва усулҳое, ки инҷо корбаст гардидаанд, ба назари шумо шинос менамоянд. Сабаб он аст, ки дар тӯли садсолаҳо онҳоро борҳо кашф кардаю аз нав кашф карда истодаанд. Ман ба худ бештар ҳамчун ба одаме менигарам, ки табиати муваффақиятро меомӯзад, яъне на ҳамчун созанда ё эҷодкори ягон хел ақидаи мутлақан нав дар ин хусус, балки ҳамчун хонанда, таҳқиқкунанда, таҳлилкунанда ва омӯзгори ғояҳои бузург. Ман ба он чӣ Екклесиат мегӯяд, бовар мекунам: «Дар зери чархи гардун ягон чизи нав нест». Аз он ки ин китобро хонда истодаед, ман мефаҳмам, яъне яке аз мақсадҳои бузурге, ки шумо дар зиндагӣ дар назди худ гузоштаед, ин тадриҷан имконоти ҳарчи бештар ва беҳтари худро амалӣ намуда, одами машҳур шудан аст. Ҳар як асрори дар ин ҷо баёншуда ба шумо кӯмак мекунад, ки зудтар ба пеш ҳаракат намоед ва бар ҳаёти хуррамонае расед, ки комилан барои шумо муҳайё гардидааст. Ин маводе, ки шумо меомӯзед, метавонад тамоми ҳаёти шуморо бакуллӣ тағйир диҳад.

**Таҳияи**
**Ширинмоҳи МУҲАММАДӢ**

# Мусоидат ба такмили донишҳо

**Беҳтар ба роҳ мондани хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, мақсаднок анҷом додани корҳои фаҳмондадиҳию тавзеҳотӣ, аз ҷумла гузаронидани семинар-машваратҳо, вохӯрию суҳбатҳо ва таҳияи намоишҳо, тавре мушоҳида мешавад, дар баланд гардидани фарҳанги андозсупорандагон ва такмил ёфтани дониши ҳуқуқии онҳо мусоидат карда истодаанд. Кормандони мақомоти андоз ҳамарӯза кӯшиш карда истодаанд, ки робитаро бо андозсупорандагон зич намоянд.**

**Вобаста ба ин, мутахассисони шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Раёсати андози шаҳри Душанбе бо андозсупорандагон доир ба қонунгузории андозии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марказҳои савдо ва бозорҳои шаҳри Душанбе ҳамарӯза семинар-машвартҳо баргузор менамоянд.**

Рӯзи 6 декабри соли 2019 дар Ҷамъияти саҳомии кушодаи “Автоколонаи 2927” бо иштироки кормандони мақомоти андози шаҳри Душанбе ва масъулону андозсупорандагони ҷамъият семинар-машварат баргузор гардид.

Дар оғози семинар-машварат сармутахассиси шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Раёсати андози шаҳри Душанбе Илҳом Муродхусейнов қайд кард, ки ташкили чунин вохӯриҳо ва корҳои фаҳмондадиҳӣ ба андозсупорандагон бо мақсади сарфа намудани вақти андозсупоранда ва пешгирии қонунвайронкуниҳо дар ҳисобу пардохти андозҳо мебошад. Таъкид шуд, ки ҳангоми ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шудан аз бақайдгирии давлатӣ гузаштан ҳатмӣ мебошад. Барои бе қайди давлатӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шудан дар асоси Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаримаҳои маъмурӣ пешбинӣ шудааст.

Инчунин, вобаста ба пешниҳоди дурустии эъломияҳо ва пардохти андозҳо зикр шуд, ки аз оғози моҳи майи соли 2018 Кумитаи андоз дар доираи талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба тадбирҳои вусъат додани кортҳои пардохтии бонкӣ” аз 31 декабри соли 2014 таҳти №815 хизматрасонии эквайренгиро мавриди истифода қарор дод. Бо мавриди истифода қарор додани тартиби мазкур, шахсони воқеӣ ва соҳибкорони инфиродӣ имконият доранд, ки бо истифода аз чунин хизматрасонӣ тавассути кортҳои пардохтӣ маблағҳои андозҳоро дар шакли ғайринақдӣ ба буҷет пардохт намоянд.

Дар идомаи семинар-машварат сармутахассиси шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Раёсати андози шаҳри Душанбе Ҷамолиддин Зокирзода изҳор кард, ки аз моҳи декабри соли 2017 дар Бахши иттилоотии Кумитаи андоз Системаи мултимедияи “Контакт-сентр” – Avaya” мавриди истифода қарор гирифтааст, ки он дорои имкониятҳои бақайдгирӣ, сабт ва нигоҳдории тамоми гуфтаҳои телефонӣ ва таъмини дар навбат нигоҳ доштани занги муроҷиаткунандагон буда, барои беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ ба онҳо ва бештар ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳӣ нигаронида шудааст. Илова бар ин, ҷиҳати баланд бардоштани тафаккури андозсупорандагон дар муносибатҳои андозӣ, дар сатҳи замонавӣ ба роҳ мондани хизматрасониҳо мақомоти андоз ба андозсупорандагон ва маҳдуд намудани омилҳои номатлуб дар рафти хизматрасониҳо, дар асоси Фармоиши Кумитаи андоз аз 12.07.2017, таҳти №316 “Стандарти ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон” (СЯХА) дар таҳрири нав қабул ва дар шакли ҷадвали тасдиқгардида 74 намуди Стандартҳои хизматрасонии мақомоти андоз муқаррар гардидааст.

Ҳамчунин, дар ҷамъомад таъкид шуд, ки мувофиқи талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.08.2012 таҳти №451 дар масъалаи уҳдадориҳои бозорҳо ва марказҳои савдо ҳангоми бастани шартномаҳо бо шаҳрвандон, масъулони бозорҳо ва марказҳои калони савдо, ки бо субъектҳои соҳибкорӣ шартномаи иҷора ба имзо мерасонанд, уҳдадор мебошанд, ки ҳар семоҳа ба мақомоти андози маҳаллӣ қайди худ оид ба чунин субъектҳо, масоҳати фаъолият бо нишондоди раста ва ҷойи фаъолият маълумотро ба таври электронӣ пешниҳод намоянд. Фармоиши Раиси Кумитаи андоз аз 24.07.2019 дар бораи ихтисор кардани гурӯҳи хизматрасонӣ ба соҳибкорони бо патент фаъолияткунанда низ ба иштирокчиён шарҳ дода шуд. Қайд гардид, ки мақсади фармоиши мазкур дахолат накардани кормандони мақомоти андоз ба фаъолияти соҳибкорон, халалдор накардан дар самти пардохти маблағҳои патент мебошад. Таъкид шуд, ки барои сари вақт насупоридани андозҳо барнома фоизҳо ҳисоб менамояд ва ҳамчунин гурӯҳҳои доимоамалкунанда корҳои назоратӣ мебаранд ва дар сурати бе қайди давлатӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шудан нисбати соҳибкорон дар асоси Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҷарима татбиқ мегардад.

Дар охир муовини директори ҶСК “Автоколонаи 2927” аз номи кормандон ва соҳибкорони ҷамъият ба роҳбарияти мақомоти андоз барои ташкили семинар – машварат миннатдории хешро баён намуд.

**Неъматулло ЗОИРЗОДА**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ



# В Турции ввели налог на проживание в отелях

**В первый налоговый год ставка налога составит 1%, а со второго года — 2%**

Президент Турции Реджеп Тайип Эрдоган подписал закон о налоге на услуги, который включает введение налога на проживание в отелях. Напомним, что 2 декабря он отклонил документ и отправил его на доработку, пишет РБК.

Закон вступит в силу с 1 апреля 2020 г. В первый налоговый год ставка налога составит 1%, а со второго года — 2%.

Плательщиками станут объекты размещения, в частности, гостиницы, мотели, апартаменты, гостевые дома и кемпинги. Налог взимается как с цены размещения гостя, так и с услуг (питания, бассейна и других).

**Источник: http://taxpravo.ru**

**Бо мақсади ташвиқу тарғиби истифодаи технологияҳои муосири ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, кам намудани ҳаҷми истифодаи пули нақд дар муомилоти пулии кишвар дар Бонки миллии Тоҷикистон Форуми байналмилалии "Технологияҳои муосири пардохтӣ. Амалияи истифодабарии технологияҳои муосир дар соҳаи молиявӣ" баргузор гардид.**

# Технологияҳои муосири пардохтӣ



Тавре дафтари матбуотии Бонки миллии Тоҷикистон иттилоъ медиҳад, ҳадафи асосии ташкили форум фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати табодули таҷриба дар самти татбиқи технологияҳои муосири инноватсионӣ дар бахши хизматрасониҳои пардохтӣ, муаррифии дастовардҳои ташкилотҳои қарзӣ дар самти рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ буда, он метавонад барои рушди минбаъдаи бозори хизматрасонии пардохтӣ такони ҷиддӣ бахшад. Зеро таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки маҳз бахши молиявӣ-бонкии иқтисодиёт, пеш аз ҳама, ба навигариҳои технологияҳои рақамии муосир таваҷҷуҳ зоҳир намуда, онро дар фаъолияти ҳаррӯзаи худ пурсамар истифода мекунанд.

Муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳамидулло Машрабзода қайд намуд, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ тариқи татбиқи тaхнологияҳои муосири пардохтӣ, мукаммалсозӣ ва васеъ намудани инфрасохтори низоми пардохт аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон муайян гардидааст. Аз ин сабаб, бо мақсади татбиқи босамари сиёсати пули-ву қарзӣ ва кӯмак ба фаъолияти муттасили низоми пардохт Бонки миллии Тоҷикистон барои навсозии низоми пардохти кишвар ва мукаммалгардонии заминаи меъёрӣ - ҳуқуқии он корҳои зиёдро анҷом дода истодааст.

- Рушди технологияи муосири пардохтӣ барои кишвари мо, яке аз самтҳои афзалиятнок ба ҳисоб меравад, аз ин сабаб, ҷиҳати тақвияти ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, аз ҷумла хизматрасонии бонкии фосилавӣ, афзоиши тезъдоди пардохтҳое, ки тариқи ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ва воситаҳои электронии пардохт анҷом дода мешавад, тақвияти эътимод ва дастраси аҳолӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ чораҳои зарурӣ андешида шуда истодааст, -зикр намуд Ҳ.Машрабзода -Дар робита ба ин, бо дарназардошти рушди босуръати бозори хизматрасониҳо ва инфрасохтори низоми пардохти кишвар омӯзиш ва табодули таҷрибаи пешқадами иштирокчиёни фаъоли бозори хизматрасониҳои пардохтии кишварҳои рушдёфта муҳим дониста мешавад.

Форуми мазкур соли сеюм аст, ки баргузор мегардад ва дар он роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон, намояндагони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳои дахлдори давлатӣ, Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе, намояндагони институтҳои молиявии байналмилалӣ, намояндагони ташкилотҳои қарзӣ, операторони алоқаи мобилӣ ва воситаҳои ахбори омма иштирок менамоянд.

Дар форум, ҳамчунин, масъалаҳои вобаста ба технологияҳои муосири пардохтӣ, аз ҷумла рушди пардохтҳои ғайринақдӣ дар ҷумҳурӣ, тамоюлҳои муосири рушди хизматрасониҳои пардохтӣ ва истифодаи технологияҳои муосир, имкониятҳои нав барои соҳаи бонкӣ, вазъи воқеии бозори хизматрасониҳои пардохтӣ, мушкилиҳо, самтҳо ва роҳҳои минбаъдаи рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдиро баррасӣ намуданд.

**Мазҳаб ҶУМЪА**

# Бақайдгирии объектҳои молу мулк

**Дар 11 моҳи соли равон кормандони бахши ташкили андозбандии шахсони воқеии Нозироти андоз дар шаҳри Кӯлоб дар асоси Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.09.2014 тахти №262 «Оиди баҳисобгирии инвентаризатсияи объектҳои молу мулки ғайриманқул, қитъаҳои замин ва воситаҳои нақлиёти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» корҳои зиёдеро ба анҷом расониданд.**

Тавре сармутахассиси гурӯҳи хизматрасонӣ ба шахсони воқеии нозироти андози шаҳр Ҷомӣ Сафаров иттилоъ дод, феълан дар ҳудуди шаҳру деҳоти Кӯлоб 44291 бинои истиқоматӣ, 26214 бинои ёрирасон, 11207 бинои марказҳои хизматрасонӣ (савдо) ва 22113 иншооти нотамом ва 600 объекти молу мулки ғайриманқули шахсони воқеӣ ба қайд гирифта шуданд.

Ҳамчунин, дар ин давра 220 объекти молу мулки ғайриманқули бе қайди мақомоти андоз ба иҷора додани шаҳрвандон ошкор гардида, ба қайди давлатӣ гирифта шуданд. Дар фаъолияти иҷорадиҳандагони молу мулки ғайриманқул 382371 сомонӣ маблағи андоз ҳисоб шуда, аз он 344666 сомонӣ ба буҷет пардохт гардид.

Тибқи маълумоти бахши бақайдгирии давлатии нозироти андози шаҳр дар 11 моҳи соли 2019-ум 727 адад субъекти хоҷагидор, аз ҷумла 335 соҳибкори тибқи патент фаъолияткунанда, 103 соҳибкори тибқи шаҳодатнома ва 289 хоҷагии деҳқонӣ ҳамчун андозсупоранда ба қайди давлатӣ гирифта шуданд.

Бақияпулиҳои қарзи андоз аз ҳисоби соҳибкорони тибқи патент фаъолияткунанда дар шаҳри Кӯлоб зиёда аз 2 миллион сомониро ташкил медиҳад, ки аз соли 2015 то ба имрӯз боқӣ мондааст.

**И. РАҶАБАЛӢ,**
**шаҳри Кӯлоб**

## «G5 Startup Forum»:
# Таърихи муваффақияти соҳибкорони тоҷик

**Муассисаи давлатии «Ташаккул ва рушди соҳибкорӣ»-и назди Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд ва ширкатҳои ватанӣ Форуми соҳибкории «G5 Startup Forum» - Таърихи муваффақияти соҳибкорони тоҷик»-ро бо иштироки соҳибкорону ҷавонони мамлакат баргузор намуд.**

Чорабиниро бо сухани ифтитоҳӣ муовини Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ Нигина Анварӣ оғоз намуд.

Қайд шуд, ки дастгирӣ ва рушди соҳибкорӣ, бахусус, байни ҷавонон зери таваҷҷуҳи бевоситаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дошта, иқдомҳои созандаи бахши хусусӣ ва сармоягузорӣ аз ҷониби Роҳбарияти олии кишвар мунтазам дастгирӣ меёбад. Маҳз бо дастгирии бевоситаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Муассисаи давлатии «Ташаккул ва рушди соҳибкории Тоҷикистон» таъсис дода шуд, ки фаъолияти он бевосита ба дастгирии соҳибкорони навтаъсис, омӯзиши асосҳои фаъолияти соҳибкорӣ, маркетингӣ, муҳосиботӣ, андозбандӣ, ташвиқу тарғиби соҳибкорӣ байни ҷавонон, рушди соҳибкории хурду миёна равона карда шудааст.

Дар Форум 720 нафар соҳибкор ва ҷавони касбу кори гуногун иштирок варзида, бо таҷрибаи 5 соҳибкори муваффақи ҷумҳурӣ - роҳбари ҶСП «Бонки тиҷоратии «Арванд» Шоира Содиқова, директори Ширкати маркетингии «Ҳаматарафа» Исмоил Исмоилов, мушовири директори ҶДММ "Ташкилоти суғуртавии «БИМА» Владимир Хурсанд, директори ҶСП «Индиго Тоҷикистон» Озодхон Давлатшоев, роҳбари Ташкилоти амонатии хурди «Алиф Сармоя» Абдулло Қурбонов шинос шуданд.

Дар Форуми мазкур пешниҳодҳои мушаххас оид ба минбаъд табодули таҷрибаи андӯхта ва дастовардҳои муваффақи бахши хусусӣ бо доираи соҳибкорони навтаъсис тарҳрезӣ гардида, изҳори боварӣ карда шуд, ки дар оянда ин раванд ба рушди суръатноки фаъолияти соҳибкорӣ, ташвиқу тарғиби соҳибкорӣ байни ҷавонон, беҳтаршавии фарҳанги пешбурди тиҷорат ва ташаккул додани намудҳои нави соҳибкории дорои хусусияти навоварӣ замина мегузорад.

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# Интернет-гиганты недоплатили 100 млрд долларов налогов за последние 10 лет

**Британская некоммерческая организация Fair Tax Mark анонсировала подготовленный ею доклад «Кремниевая шестерка и ее глобальная недоплата налогов на $100 млрд». В докладе ее эксперты рассказали о том, как платят налоги шесть интернет-гигантов (Facebook, Apple, Amazon, Netflix, Google и Microsoft) за последнее десятилетие, передает газета «Коммерсантъ».**

Аналитики Fair Tax Mark изучили суммы, которые были выделены этими компании на уплату налогов в соответствии с формой 10-К (ежегодный отчет о финансовых результатах компании, подаваемый в Комиссию по ценным бумагам и биржам США), и сравнили их с реально выплаченными ими налогами. Разрыв в период с 2010 по 2019 гг., по оценкам авторов доклада, составил 100,2 млрд долл. При этом данный разрыв увеличивается: если в 2010 г. он составлял 8,9 млрд долл., то к 2019 г. увеличился до 47 млрд долл.

«С точки зрения ранжирования никто из шестерки не является примером ответственного налогового поведения. Однако степень несостоятельности и относительный налоговый вклад различаются», — подчеркивают в Fair Tax Mark. Авторы доклада сообщили, что самым безответственным налогоплательщиком является Amazon, который за это десятилетие заплатил всего 3,4 млрд долл. налогов, а самым ответственным — Microsoft, которая выплатила 46,9 млрд долл. налогов. Между этими компанию по уровню повышения ответственности находятся Facebook, Google, Netflix и Apple.

**Источник: http://taxpravo.ru**

# Натиҷаҳои назаррас



**Дар асоси Амрномаи Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гурӯҳҳои кории Кумитаи андоз дар якҷоягӣ бо кормандони Раёсати бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳудуди ноҳияҳои Шоҳмансур, Исмоили Сомонӣ, Фирдавсӣ ва Синои шаҳри Душанбе санҷиши амалиётӣ анҷом доданд.**

Чуноне ки аз Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мо хабар доданд, мақсад аз анҷом додани санҷишҳои амалиётӣ, пеш аз ҳама, назорати иҷрои талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд», ҳолати бақайдгирӣ, сари вақт пешниҳод намудани эъломияҳои андоз аз тарафи шахсони ҳуқуқӣ, маблағҳои ҳисобшуда ва пардохтшудаи андоз аз воситаҳои нақлиёт, ҳолатҳои дар мӯҳлатҳои муқарраршуда аз муоинаи ҳатмии давлатии техникӣ гузаштани воситаҳои нақлиёт ба ҳисоб меравад.

Тибқи иттилои манбаъ, дар рафти гузаронидани санҷишҳои амалиётӣ дар истгоҳҳо, таваққуфгоҳҳо ва хатсайрҳои мусофиркашонии ҳудуди ноҳияҳои шаҳри Душанбе фаъолияти 717 нафар субъекти хоҷагидор тахти санҷиши амалиётӣ қарор гирифтаанд. Дар натиҷа, 190 ҳолат ё 26,5 фоиз бе қайд дар мақомоти андоз ба фаъолияти хизматрасонии нақлиётӣ машғул гардидани шахсони воқеӣ муайян шуда, пас аз гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ 141 нафар шахси воқеӣ бо патент таъмин гардидааст. Ҳамзамон, парвандаи бақайдгирии 28 нафари дигар дар марҳалаи бақайдгирӣ дар бахшҳои бақайдгирии давлатии ноҳияҳои мазкур қарор доранд, ки маблағи моҳонаи патенти онҳо 26,4 ҳазор сомониро ташкил дода, маблағи зикршуда пурра ба буҷет ворид шудааст.

Дар рафти фаъолияти гурӯҳҳои корӣ нисбати 49 нафар субъекти хоҷагидор барои вайрон кардани талаботи қонунгузории андоз, аз ҷумла бе қайд дар мақомоти андоз ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул гардидан ва сари вақт пешниҳод накардани эъломияи андоз аз воситаҳои нақлиёт, ҷамъ ба маблағи 79,7 ҳазор сомонӣ ҷаримаҳои маъмурӣ татбиқ шуда, дар ин давра пардохти 23,9 ҳазор сомонии он ба буҷет таъмин гардидааст.

Ғайр аз ин, дар натиҷаи гузаронидани санҷишҳои амалиётӣ ва дастрас кардани огоҳиномаҳо аз ҳисоби 407 адад соҳибкори бо патент фаъолияткунанда, ки ба хизматрасонии нақлиётӣ машғул ва дар назди буҷет қарздор буданд, 111,0 ҳазор сомонӣ бақияпулиҳои маблағи патент кам гардид. Дар ин давра, эъломияҳои андоз аз воситаҳои нақлиёти 18 адад шахси ҳуқуқӣ барои давраи солҳои 2016-2019 бо татбиқи ҷаримаи маъмурӣ ба маблағи 27840 сомонӣ барқарор ва ба махзани маълумоти Кумитаи андоз дохил шуданд.

Бояд ёдовар шуд, ки дар натиҷаи гузаронидани санҷишҳои амалиётӣ аз ҷониби гурӯҳҳои корӣ дар фаъолияти андозсупорандагон ба маблағи 369,5 ҳазор сомонӣ андозҳо ҳисоб ва дар рафти фаъолияти пардохти 295,3 ҳазор сомонии он ба буҷет таъмин гардид.

Дар баробари ин, ҳангоми гузаронидани рейдҳои муштарак бо кормандони шуъбаи БДА дар ноҳияҳои шаҳри Душанбе дар доираи чорабинии амалиёти “Муоинаи техникӣ”, нисбати як қатор ронандагони воситаҳои нақлиёт барои сари вақт нагузаштан аз муоинаи ҳатмии техникӣ ё бе пардохти андоз идора кардани воситаҳои нақлиёт дар доираи талаботи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаримаҳои маъмурӣ татбиқ гардидааст. Дар рафти гузаронидани чорабинии мазкур, ки дар ноҳияҳои шаҳри Душанбе 826 адад субъекти хоҷагидор ба муоина ҷалб шуда буданд, аз ин ҳисоб 673,7 ҳазор сомонӣ андоз аз воситаҳои нақлиёт ба буҷет пардохт гардид.

**Хулоса, гурӯҳҳои кории Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷо бо кормандони Раёсати бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рафти гузаронидани рейдҳои муштарак қонуншиканиҳои зиёдеро аз ҷониби соҳибони воситаҳои нақлиёт ошкор карданд. Ҳамчунин, ба онҳо имкон даст дод, ки дар як муддати кӯтоҳ воситаҳои нақлиётеро, ки аз муоинаи ҳатмии техникӣ нагузашта буданд, ба муоина ҷалб карда, андоз аз воситаҳои нақлиёти онҳоро ба буҷет пардохт намоянд.**

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**



**Дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо ташаббуси Раёсати илм ва инноватсия, кафедраи молия ва Пажӯҳишгоҳи илмию тадқиқотии «Молия» ба муносибати Рӯзи кормандони мақомоти андоз дар мавзӯи «Масоили мубрами идоракунии молияи давлатӣ: ҷанбаҳои миллӣ ва минтақавӣ» конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ доир гардид.**

# Баррасии масоили идоракунии молия

Конфронсро бо сухани ифтитоҳӣ ректори таълимгоҳ Шукрулло Хайрзода ифтитоҳ карда, қайд намуд, ки низоми идоракунии молияи давлатӣ дар шароити соҳибистиқлолии кишвар ба як низоми устуворе табдил ёфтааст, ки дар таъмини самаранокии сиёсати молиявӣ, аз он ҷумла сиёсати фискалӣ, назорати молиявии давлат, рушди бозори коғазҳои қиматнок, суғурта, дастгириҳои молиявии соҳибкорӣ хизмат менамояд.

- Ислоҳоти низоми молиявию қарзӣ, ки дар солҳои охир дар мамлакат оғоз гардидааст, талаботро нисбат ба малакаи кадрҳои соҳа молия ҷиддитар кардааст. Аз ин рӯ, дар назди ҳайати профессорону омӯзгорони таълимгоҳ масоили зарурати баланд бардоштани сифати таълим ва дар ин замина, омодасозии мутахассисони соҳибкасб дар мадди аввал меистад ва онҳо мекӯшанд, ки бо фаъолияти пурсамари хеш ба рушди молияи мамлакат бо тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси соҳа ва ҳалли муаммоҳои илмии молиявӣ саҳм гузоранд, - гуфт ректор.

Баъдан намояндаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Аскаралӣ Баротов баромад карда, иброз дошт, ки идоракунии устувори молияи давлатӣ яке аз самтҳои асосии сиёсати иқтисодии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, барои татбиқи самаранокии онҳо корҳо босуръат идома доранд. Ҳангоми гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ сохтори низоми молиявии кишвар куллан тағйир ёфта, муносибатҳои нави молиявӣ, пеш аз ҳама, идоракунии устувори молияи давлатӣ, афзоиши даромади буҷет, такмили низоми андозбандӣ, шаффофият ва баланд бардоштани самаранокии хароҷоти буҷет, нигоҳ доштани вазъи мӯътадили маблағгузории буҷет, ташкили бозори коғазҳои қиматнок ва ғайраҳо равиши навро дар ин низом ба миён оварданд.

Сипас, муовини сардори Раёсати банақшагирии стратегӣ ва ислоҳоти Дастгоҳи иҷроияи назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Фирдавс Муқаддасзода дар мавзӯи «Шарикии давлат ва бахши хусусӣ - омили паст кардани фишор ба хароҷоти буҷети давлатӣ» маърӯза кард. Мавсуф аҳамияти тақвияти шарикии давлат ва бахши хусусиро барои рушди иқтисодиёт муҳим дониста, қайд намуд, ки дар таҷрибаи ҷаҳонӣ барои паст кардани хароҷоти давлатӣ ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ мустаҳкам мегардад.

Дар ҷамъомад, ҳамчунин, мушовири раиси Бонки миллии Тоҷикистон Назулло Абибуллоев дар мавзӯи «Пешбурди сиёсати монетарӣ ва низоми бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» сухан гуфт. Мавсуф низоми бонкии кишварро таҳлил карда, қайд намуд, ки бо мақсади боло бардоштани саводнокии молиявӣ дар байни аҳолӣ иқдоми фарогирии молиявӣ роҳандозӣ гардидааст. Он имкон медиҳад, ки аҳолӣ ба ин восита низоми молиявии оилавиашонро ба танзим дароранд ва аз хизматрасониҳои электронии бонкӣ ба таври васеъ истифода кунанд.

Дар конференсия, инчунин, масъалаҳои таъсири омилҳои беруна ба рушди иқтисодиёти миллӣ ва низоми молияи мамлакат, таъминоти молиявии истифодабарии иқтидори содиротии кишвар, механизми молиявӣ ва нақши он дар рушди иқтисодиёт, сиёсати молиявии давлатӣ ва маҳаллӣ баррасӣ гардиданд.

**Машҳура АБДУЛЛОЕВА**

**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

# Международные компании столкнулись с трудностями при уплате «налога на Google»

## Выплату «налога на Google» в РФ усложнили банковские реквизиты

Несколько иностранных компаний, которые предоставляют электронные услуги в РФ, столкнулись с проблемами при перечислении «налога на Google» — обязанности зарубежных продавцов цифровых услуг платить НДС. О об этом рассказали представители двух международных организаций и налоговые консультанты. С 2019 г. у иностранных IT-компаний возникла обязанность платить этот налог напрямую, а не через налоговых агентов в России, пишет РБК.

Причина — техническая: кредитные организации в России отклоняют налоговые платежи с иностранных счетов на основании отсутствия полных реквизитов в платежных поручениях, сообщили представители компаний. По их словам, формы были заполнены по инструкции. Но, например, Сбербанк неоднократно отклонял переводы зарегистрированной в Великобритании компании, пытавшейся оплатить налог со счета в Bank of New York, поведал источник.

«Налог на Google» — единственный налог в РФ, который иностранные компании должны платить напрямую, отметила партнер Deloitte Юлия Орлова.

**Источник: http://taxpravo.ru**

# Таъмини шаҳрвандон бо ҳуҷҷатҳои соҳибкорӣ

**Бо мақсади бақайдгирӣ ва назорати иҷрои талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд» ва дарёфти манбаъҳои иловагии андозбандӣ, Гурӯҳи кории Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе санҷиши амалиётӣ анҷом дод.**



Хотиррасон мешавем, ки мақсади асосии фаъолияти Гурӯҳи корӣ таъмини иҷрои нақшаи воридоти андозҳо аз ҳисоби соҳибкорони инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда ба ҳисоб мерафт ва аз ин рӯ, он фаъолияти худро бештар ба гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ, ирсол намудани огоҳиномаҳо ба суроғаи андозсупорандагони қарздор ва воридоти маблағи андозҳо аз ин ҳисоб равона намуда буд.

Тибқи иттилои мутахассиси шуъбаи ташкили андозбандӣ аз рӯи низомҳои махсус ва амволи Раёсати ташкили андозбандии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Акобир Садриддинов дар рафти фаъолият ба суроғаи зисти 1945 нафар соҳибкори бо патент фаъолияткунандаи қарздор, ба маблағи 7013,8 ҳазор сомонӣ огоҳиномаҳо ирсол ва аз ин ҳисоб ба буҷети давлатӣ 874,7 ҳазор сомонӣ бақияпулиҳои патент ворид гардидааст.

Дар натиҷаи гузаронидани корҳои назоратию фаҳмондадиҳӣ 145 адад субъекте, ки бе қайд дар мақомоти андоз ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул буданд, ба қайди давлатӣ гирифта шуданд ва аз ин 22 нафар соҳибкори инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда ва 123 нафар соҳибкори инфиродии дар асоси патент амалкунанда мебошанд, ки маблағи моҳонаи онҳо 53,6 ҳазор сомониро ташкил дода, пурра ба буҷет руёнида шуд.

Дар ин давра, барои риоя накардани талаботи қонунгузории андоз нисбати 27 нафар соҳибкор тибқи талаботи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 43,1 ҳазор сомонӣ ҷаримаи маъмурӣ татбиқ шуда, дар рафти фаъолияти Гурӯҳи корӣ воридоти 22,3 сомонии он ба буҷет таъмин гардид. Ғайр аз ин, дар натиҷаи гузаронидани корҳои назоратию таҳлилӣ бино бар мутобиқ набудани гурӯҳи фаъолият ва аз ҳисоби зиёд будани нуқтаи савдо нисбати 8 нафар соҳибкори инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда ба маблағи 97,4 ҳазор сомонӣ маблағҳои иловагӣ ҳисоб ва пардохти 16,5 ҳазор сомонии он ба буҷет таъмин шуд.

Бо дарназардошти мутобиқ набудани гурӯҳи фаъолият ба талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 30 нафар соҳибкори дар асоси патент фаъолияткунанда ҷиҳати гузаштан ба шаҳодатномаи соҳибкорӣ огоҳиномаҳо дастрас гардида, 12 адади он аз патент ба шаҳодатномаи соҳибкорӣ гузаштанд ва кор дар ин самт идома дорад.

Тавре иттилоъ дода шуд, дар моҳи ноябри соли 2019 маблағи воридоти андозҳо аз ҳисоби соҳибкорони инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда дар Нозироти андози ноҳияи Фирдавсӣ 3148,9 ҳазор сомонӣ буда, новобаста аз корҳои анҷомдодаи Гурӯҳи корӣ иҷрои нақшаи пешбинишуда дар ҳаҷми 82,0 фоиз таъмин шуд, ки нисбат ба нақшаи тасдиқшуда 566,1 ҳазор сомонӣ кам мебошад

Масъалаи ташвишоваре, ки дар нозироти андози ноҳияи мазкур мушоҳида мешавад, ин давра ба давра зиёд гардидани ҳаҷми бақияпулиҳои андоз аз ҷониби андозсупорандагон мебошад. Мутобиқи махзани маълумот ба ҳолати 1 декабри соли 2019 бақияи қарзи андозҳо аз ҳисоби соҳибкорони инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда 10791,3 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Масалан, соҳибкори инфиродӣ Нормат Урунов барои амалӣ кардани фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷониби бахши бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродии ноҳияи Фирдавсӣ бо патент таъмин шудааст. Номбурда ҳангоми бақайдгирии давлатӣ намуди фаъолияти худро фурӯши молҳои омехта дар нуқта ва биноҳои алоҳидаи статсионарӣ аз 15 то 20 метри мурабаъ ба қайд гирифта, ба ҳолати 14 ноябри 2019 аз ҳисоби патент дар назди буҷет ба маблағи 7197,8 сомонӣ қарздор буд. Дар рафти гузаронидани корҳои назоратӣ муайян шуд, ки соҳибкори мазкур дар асл ба харидуфурӯши тамғаи молии ширкати "Total", аз ҷумла асбобҳои гуногуни барқӣ ва лавозимоти рӯзғор (дрел, арраи пармакунӣ, калидҳо ва дигар асбобҳои рӯзғор) дар бинои статсионарӣ, ки масоҳаташ 30 метри мураббаъро ташкил менамояд, машғул гардида, дидаю дониста ба хотири иваз накардани шакли ташкилию ҳуқуқии худ маблағҳои патентро сари вақт ба буҷети мамлакат пардохт накардааст. Дар натиҷаи гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳию назоратӣ соҳибкор Н. Урунов бо таъсиррасонии Гурӯҳи корӣ маблағҳои патенти худро пурра ба буҷет пардохт намуда, фаъолияти худро аз рӯи патент қатъ кард. Ҳамзамон, ба номбурда ҷиҳати гузаштан ба шаҳодатномаи соҳибкорӣ огоҳинома дастрас шуд, ки айни замон дар марҳалаи гузаштан ба шаҳодатномаи соҳибкорӣ қарор дорад.

Ба ҳамин монанд, Бобоназари Акмал аз санаи 6 июни соли 2018 дар биноҳои статсионарии масоҳаташ то 10 метри мурабаъ аз рӯи патент ба қайди давлатӣ гирифта шудааст. Муайян шуд, ки номбурда дар асл дар бинои статсионарии зиёда аз 30 метри мурабаъ ба харидуфурӯши либосҳои занона машғул гардида, бо мақсади пинҳон намудани манбаи аслии андоз фаъолияти худро дар низоми патентӣ ба роҳ мондааст. Дар натиҷаи корҳои фаҳмондадиҳӣ номбурда фаъолияти худро аз рӯи патент қатъ кард ва ӯ бо шаҳодатномаи соҳибкорӣ таъмин шуд.

Тибқи иттилои манбаъ, аз ҷониби Гурӯҳи корӣ ҳолатҳое муайян шудааст, ки баъзе аз соҳибкорон аз сабукиҳои андозӣ суиистифода карда, бо гирифтани як патент ё якчанд варақаи патент амалиётҳои калон анҷом дода, дар мавридҳои дигар бархилофи талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷалби коргари кироя фаъолияти худро амалӣ менамоянд. Чунончи, ҳангоми азназаргузаронӣ муайян шуд, ки шаҳрванд Абдурасул Ҳамдамов дар кӯчаи Крупская 94 (назди даромадгоҳи якуми Бозори Корвон) дар 2 нуқтаи сартарошӣ ва як нуқтаи истеҳсол ва фурӯши таоми тезтайёрро бо ҷалби 8 нафар коргари кироя фаъолияташро ба роҳ монда, бо мақсади канораҷӯӣ аз андозбандӣ ва гузаштан ба шаҳодатномаи соҳибкорӣ ба ҳар як коргари худ патентҳои алоҳида ба расмият даровардааст.

Ёдовар мешавем, ки тибқи банди 15, замимаи 2 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №451 тайёр ва фурӯши таомро бе ҷои нишаст ва ҷалби коргари кироя пешбинӣ менамояд. Дар натиҷаи корҳои фаҳмондадиҳӣ шаҳрванд А. Ҳамдамов ҳамчун корфармо бо шаҳодатномаи соҳибкорӣ таъмин гардид. Инчунин, патентҳои соҳибкории 8 коргари кирояи ӯ қатъ шуда, ба сифати коргари кироя бо шартномаҳои меҳнатӣ таъмин ва дар нозироти андози ноҳия ба қайд гирифта шуданд. Ҳамзамон, дар фаъолияти номбурда ҷамъ ба маблағи 4700 сомонӣ андозҳои иловагӣ ҳисоб ва пардохти он ба буҷет таъмин гардид.

Ба ҳамин монанд, соҳибкори инфиродӣ Зафарҷон Ҳомидов, санаи 16 декабри соли 2016 аз бахши бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродии Нозироти андози ноҳияи Фирдавсӣ барои фурӯши молҳои омехта дар нуқтаи статсионарӣ аз 10 – 15 метри мурабаъ патент ба даст овардааст. Ҳангоми азназаргузаронӣ дар маҳалли фаъолияти соҳибкор, воқеъ дар кӯчаи Абай – 1А муайян шуд, ки номбурда дар асл ба харидуфурӯши масолеҳи сохтмонӣ (аз ҷумла, гипсокартон, профил, ширеш барои тахтасанг (кафель) ва ғайра) дар бинои статсионарии зиёда аз 40 метри мураббаъ бо патент фаъолияти соҳибкории худро ба роҳ мондааст. Дар натиҷаи гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ ва баъд аз дастрас намудани огоҳинома ҷиҳати гузаштан ба шаҳодатномаи соҳибкорӣ мавсуф фаъолияти худро аз рӯи патент қатъ карда, ба шаҳодатнома гузашт.

Дар рафти фаъолияти Гурӯҳи корӣ як қатор ҳолатҳои ба соҳибкории ғайриқонунӣ машғул гардидани шахсони воқеӣ низ ошкор гардид. Чунончи, дар рафти фаъолият муайян шуд, ки шаҳрванд Миҷгона Зуҳурова дар кӯчаи Абай – 1А бе қайд дар мақомоти андоз ба фурӯши молҳои қаблан дар истеъмолбуда машғул гардидааст. Дар натиҷа, нисбати ӯ бо дастрасии моддаи 617 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 1650 сомонӣ ҷаримаи маъмурӣ татбиқ шуда, бо ҳуҷҷати соҳибкорӣ таъмин гардид.

Ба ҳамин монанд, шаҳрванд Амриддин Ортуқов низ бе қайд дар мақомоти андоз ба фурӯши қоғазҳо машғул гардидааст. Дар натиҷа, нисбати соҳибкор ҷаримаи маъмурӣ дар ҳаҷми 1650 сомонӣ татбиқ шуд ва ӯ бо шаҳодатномаи соҳибкорӣ таъмин гардид.

Тавре аз натиҷаи таҳлилҳо бармеояд, аз шумораи умумии 10667 нафар соҳибкори инфиродии бо патент фаъолияткунанда, 1087 нафари он соҳибкорони бефаъолияте ба ҳисоб мераванд, ки ҳуҷҷатҳои соҳибкориро қаблан ба даст оварда, аз ҳисоби мутобиқ накардани гурӯҳи фаъолият маблағи қарзи онҳо дар як моҳ ба ҳисоби миёна дар нозироти андоз 369,5 ҳазор сомонӣ афзоиш ёфта истодааст.

**Гурӯҳи кории Кумитаи андоз дар давраи фаъолияти худ тавонист то андозае пеши роҳи қонуншиканиҳои бархе аз андозсупорандаҳоро бигирад. Хуб мешуд, ки шаҳрвандон бо дарки баланди масъулиятшиносӣ фаъолияти худро тибқи талаботи қонунгузории андоз ба роҳ монда, уҳдадориҳои андозии худро сари вақт ва дар ҳаҷми пурра иҷро намоянд.**

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

## МУҲТАРАМ ШАҲРВАНДОН ВА АНДОЗСУПОРАНДАГОН!




Рӯзномаи «Боҷу хироҷ» дар фазои иттилоотии мамлакат ягона рӯзномаи соҳавиест, ки дар он дар бораи масъалаҳои андозу андозбандӣ, низому меъёрҳои андозҳо, имтиёзот ва сабукиҳои андозӣ, хизматрасониҳои мақомоти андоз ба андозсупорандагон, рушди фаъолияти соҳибкорӣ, андоз дар хориҷа ва дигар мавзӯъҳое, ки ба муносибатҳои андозӣ дахл доранд, нашр мешаванд.

Шумо ба рӯзномаи «Боҷу хироҷ» обуна шуда, метавонед аз ҷониби мутахассисони соҳибкасб ба ҳамаи саволҳои худ доир ба қонунгузории андоз, маъмурикунонии андоз ва ҳуқуқу уҳдадориҳои андозсупоранда ҷавоби мушаххас ва асоснок дарёфт намоед.

Рӯзномаи «Боҷу хироҷ» ва мутахассисони Кумитаи андоз кӯшиш менамоянд, ки маводи рӯзнома ҷолибтар ва барои такмили дониши андозию иқтисодӣ ва ҳалли мушкилоти шумо боз ҳам муфидтар бошанд.



Нархи обуна барои соли 2020 ҳамагӣ **65 СОМОНИРО** ташкил дода, манфиати маводи он ҷиҳати пешбурди самараноки соҳибкории шумо дар давоми сол ба маротиб зиёд хоҳад буд.



Рӯзномаи «Боҷу хироҷ»


# Нангу номусу ифтихори миллӣ мебояд

**Ватанро дӯст доштан, аз он ифтихор кардан, барои ҳимояи он омода будан, ба қадри сулҳу субот, осудагиву ваҳдат ва Истиқлолияти давлатӣ расидан аз ҷумлаи арзишҳое мебошанд, ки ҷавонони кишварамон бояд онҳоро сармашқи зиндагию фаъолияти худ қарор диҳанд ва итминон дошта бошанд, ки танҳо дар ҳамин сурат мамлакати воқеан ободу пешрафтаро метавон бунёд кард. Эҳтиром ва гиромидошти арзишҳои милливу давлатии Тоҷикистон ва ҳифзи манфиатҳои кишвар бояд асос ва ҷавҳари тарбияи ватандӯстиву худогоҳии ҷавононро ташкил намояд.**

Бояд зикр намуд, ки роҳи ҷавононро ба сӯи бунёдкориву созандагиҳо маҳз Истиқлолият боз кард ва замина гузошт, ки онҳо дар рушду инкишофи мамлакат саҳми назаррас дошта бошанд. Воқеан, Истиқлолият ҳамон вақт маънию моҳияти воқеӣ пайдо мекунад, ки ҷавонон сабақҳои онро ҳамчун дастоварди бузурги таърихӣ ҳаматарафа омӯзанд, ба ҳифзи дастовардҳои кишвари худ ҳамеша омода бошанд, таърихи гузаштаю муосири халқи худро пайваста варақ зананд, Ватану миллат ва забону фарҳанги хешро азизу гиромӣ доранд.

Имрӯз мушоҳида мешавад, ки ҷавонони тоҷик дар ҳамаи соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва ҳаёти ҷомеа фаъолият карда, дар пешрафти мамлакат ҳиссаи муносиб мегузоранд, барои ободиву шукуфоии Ватан софдилона хизмат мекунанд, марзу буми сарзамини аҷдодӣ ва амнияту оромии давлатро содиқона ҳифз мекунанд ва бо донишҳои муосири худ, ҳамчун мутахассисони оянда, ба хотири тараққиёти ҷумҳурӣ саҳми арзишманд мегузоранд.

Вобаста ба ин, Ҳукумати мамлакат бо эътимод ба нерӯи тавонои ҷавонон пешниҳоду ибтикороти онҳоро дастгирӣ менамояд ва ҷиҳати ҳавасманд гардонидан ва муҳайё сохтани шароити хуби зиндагӣ ва таҳсил барои наврасону ҷавонон тадбирҳои заруриро роҳандозӣ мекунад. Воқеан, ба хотири таҳким бахшидан ба робита миёни Президент ва ҷавонони мамлакат дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Шӯрои миллии кор бо ҷавонон таъсис дода шудааст, ки ҳадафи асосии он татбиқи самараноки сиёсати давлатии ҷавонон ва мусоидат дар амалӣ намудани пешниҳоду ташаббусҳои онҳо мебошад.

Мутаассифона, чуноне ки ба назар мерасад, вақтҳои охир баъзе ҷавонон ба ҷои азму талош дар роҳи илму донишомӯзӣ, аз худ кардани касбу ҳунар ва иштирок дар корҳои созандагӣ ба амалҳои номатлуб даст зада истодаанд. Аз ин рӯ, гирифтани пеши роҳи ин раванди нангину хатарнок ва ба роҳи дуруст ҳидоят намудани наврасону ҷавонон, ба андешаи ман, пеш аз ҳама, вазифаи омӯзгорон ва падару модарон мебошад.

Имрӯз, тавре мебинем, тамоюли бегонапарастӣ ва ба фарҳанги бегона майл намудани занону духтарони кишварамон ба як ҷараёни ташвишовар табдил ёфтааст. Ҳисси бегонапарастӣ ва тақлидкорӣ дар мавриди либоспӯшӣ ва рафтору гуфтор дар байни занону духтарони тоҷик метавонад ба устувории рукнҳои фарҳанги миллиамон таъсири манфӣ расонад. Фаромӯш набояд кард, ки зоҳирпарастию бегонапарастӣ ва хурофот барои ҷомеа ва давлату миллат оқибати даҳшатнок дорад, зеро ин зуҳурот ба амнияту суботи мамлакат хатар эҷод мекунанд, пеши роҳи рушди кишварро мегиранд ва боиси бадбахтӣ мегарданд.

Бояд таъкид кард, ки яке аз амалҳои муҳими пешрафти ҷомеа тарбияи дурусти фарзанд ба шумор меравад. Дар ин амри хайр нақши оила, ҳамчун ниҳоди боэътимод, басо муҳим аст. Агар оила ба тарбияи фарзандон эътибори ҷиддӣ диҳаду онҳоро солиму солеҳ ба воя расонад ва дар ташаккули шахсияташон дар хонавода аҳамияти зарурӣ диҳад, чунин фарзандон дар ҷомеа ҳатман мавқеи худро пайдо мекунанд.

Дар ин робита, мо, кормандони соҳаи маориф, вазифадорем, ки бо ҷалби фаъолонаи падару модарон аз шароиту имкониятҳои фароҳамовардаи Ҳукумати мамлакат самаранок истифода карда, барои дарёфти роҳу усулҳои пешқадами таълиму тарбия, ҷалби хонандагон ба омӯхтани илму дониш, забономӯзӣ, аз худ кардани касбу ҳунарҳои замонавӣ ва ба воя расонидани насли воқеан босаводу соҳибмаърифат ва ватандӯсту худшинос ҳамеша кӯшиш ба харҷ диҳем.

Дар қалбу шуури ҷавонон парвариш кардани ҳисси баланди миллӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ ва худогоҳиву худшиносӣ низ аз ҷумлаи масъалаҳоест, ки устодону омӯзгорон, падару модарон ва аҳли ҷомеа бояд ба он бо тамоми масъулияту ҷиддият муносибат намоянд. Наврасону ҷавонони кишварамон бояд дар чунин рӯҳия ба воя расанд, ки барояшон ҳар як пораи хоки Тоҷикистон азизу муқаддас бошад ва ҳифз кардани онро барои худ қарзи фарзандӣ ва шарафи бузург донанд.

Ояндаи Тоҷикистон маҳз ҷавононанд ва тараққиёти минбаъдаи кишварамон, ки асосҳои мустаҳками он имрӯзҳо гузошта мешаванд ва таҳкими мақоми он дар ҷомеаи мутамаддини башарӣ аз саҳми фаъолонаи онҳо дар ҳаёти иқтисодию сиёсӣ ва ҷамъиятии мамлакат вобаста мебошад.

**Низорамоҳ ШАРИПОВА,**
**омӯзгори МТМУ №98-и ноҳияи Сино**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# В Таиланде Philip Morris оштрафована на 39,7 млн долларов за неуплату налогов

Компания занижала стоимость сигарет, которые импортировались с Филиппин

В Таиланде суд признал местное подразделение крупнейшего производителя табачных изделий Philip Morris виновным в неуплате налогов. Компания занижала стоимость сигарет, которые импортировались с Филиппин. Philip Morris теперь обязана выплатить штраф на сумму 1,2 млрд батов (39,7 млн долл.), сообщает ТАСС.

Уголовный суд признал Philip Morris Thailand виновной, но оправдал семерых ее работников из-за отсутствия доказательств их причастности к незаконным операциям. В компании сообщили, что намерены обжаловать данное решение.

**Источник: http://taxpravo.ru**

# Потери белорусских НПЗ от налогового маневра в РФ составят $320 млн в 2019 г.

## А за 2019-2024 гг. они потеряют $5,8 млрд



Потери белорусских нефтеперерабатывающих заводов от налогового маневра в нефтянке в России за 2019 г. составят $320 млн, а за 2019-2024 гг. — $5,8 млрд., заявил в четверг замглавы Белорусского государственного концерна по нефти и химии Андрей Бунаков, пишет ТАСС.

«В 2019 году при переработке нефти в объеме 18 млн т в год суммарное ухудшение по двум НПЗ при мировой котировке $60 за один баррель оценивается около $320 млн. При этом цена нефти составляет уже около 80% от мировой, — заявил Бунаков. — С 2019 по 2024 год потери белорусских НПЗ от налогового маневра (по отношению к условиям, действовавшим до его введения в 2018 году, при мировой котировке $60 за один баррель) составят около $5,8 млрд».

**Источник: http://taxpravo.ru**

# Пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ҳатмист

**Доир ба пешбурди ҳатмии баҳисобгирии муҳосибӣ аз ҷониби субъектҳои фаъолияти соҳибкории хурд, доштани ҳуҷҷати тасдиқкунандаи факти хариди мол, иҷрои кор, хизматрасониҳо ва мавриди амал қарор гирифтани анбори электронӣ бо сармутахассиси Раёсати ташкили андозбандии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷомии Абдураҳмон суҳбате анҷом додем, ки онро пешкаши хонандагон мегардонем.**



**- Нахуст бигӯед, ки асоси пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурд - андозсупорандагони тибқи низоми содакардашудаи андозбандӣ фаъолиятдошта, аз чӣ иборат аст?**

- Тибқи талаботи қисми 1 моддаи 48 Кодекси андоз андозсупоранда уҳдадор аст баҳисобгирии даромаду хароҷотро дар асоси маълумоти бо ҳуҷҷатҳо асоснокшуда дақиқ ва сари вақт пеш барад ва даромаду хароҷотро ба давраҳои ҳисоботии дахлдоре, ки дар даврам онҳо гирифта ё пардохт шудаанд, вобаста ба усули баҳисобгирии тибқи моддаҳои 140-154 Кодекси мазкур истифодашаванда ҷиҳати дуруст нишон додани даромади (фоидаи) андозбандишаванда ва амалиёти анҷомдодашаванда ба роҳ монад. Тахти усули баҳисобгирӣ, ки андозсупоранда истифода мекунад, ҳамаи омилҳои вақт ва тартиби баҳисобгирии маблағҳои воридшуда ва хароҷотшуда ба инобат гирифта мешавад. Ҳамзамон, дар асоси талаботи моддаи 293 Кодекси андоз андозсупорандагон, яъне истифодакунандагони андози низоми содакардашуда уҳдадоранд барои мақсадҳои муайян намудани манбаи андоз баҳисобгирии муҳосибии даромади умумиашонро пеш баранд. Чунин, андозсупорандагон метавонанд низоми содакардашудаи баҳисобгирии муҳосибии аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатӣ муқарраршударо истифода намоянд.

**- Уҳдадории пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурд аз кай оғоз мешавад?**

- Мутобиқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» баҳисобгирии муҳосибиро ташкилотҳои хурде, ки низоми андозбандии содакардашударо истифода мекунанд, ба сифати шахси ҳуқуқӣ ва ё соҳибкори инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда, ба таври доимӣ аз лаҳзаи ба қайд гирифта шуданаш, амалӣ менамоянд. Тибқи талаботи ҳамин Қонун соҳибкорони хурду миёна, усули содакардашудаи баҳисобгирии муҳосибиро пеш мебаранд. Бо мақсади пешбурди баҳисобгирии содакардашудаи муҳосибӣ аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 декабри соли 2009, тахти №80 «Тартиби истифодабарии системаи содакардашудаи ҳисобот ва баҳисобгирӣ дар субъектҳои соҳибкории хурди Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия ва тасдиқ гардидааст, ки санади мазкур дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2009, №555 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.

**- Ба ҳуҷҷати тасдиқи факти хариди моли ба фурӯши чакана баровардашуда кадом номгӯи ҳуҷҷатҳо дохил мешаванд?**

- Тибқи талаботи боби 29 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон хариду фурӯши мол аз ҷониби соҳибкороне, ки ба фурӯши чаканаи молҳо машғул мебошанд, дар доираи шартнома амалӣ карда мешавад. Ҳамзамон, тибқи Тартиби истифодабарии системаи содакардашудаи ҳисобот ва баҳисобгирӣ дар субъектҳои соҳибкории хурди Ҷумҳурии Тоҷикистон, соҳибкороне, ки ба фурӯши чаканаи молҳо машғул мебошанд, уҳдадоранд барои қонунӣ гардонидани амалиётҳои хоҷагидорӣ, ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи хариди моли ба фурӯши чакана баровардашудаи худро, аз қабили ҳисобнома- фактураи андоз аз арзиши иловашуда, борхати мол, борхати нақлиётӣ ва эъломияи гумрукии воридоти мол бо худ дошта бошанд.

**- Соҳибкорон воридоти молҳоро аз хориҷи кишвар, тавассути ширкатҳое, ки ба хизматрасонии нақлиётӣ машғул мебошанд, амалӣ менамоянд ва моли ворпднамудаи онҳоро чунин ширкатҳо ба номи худашон ба расмияти гумрукӣ медароранд, дар ин ҳолат соҳибкорон чӣ гуна ҳуҷҷати тасдиқкунандаи факти хариди мол (воридоти молро) дошта метавонанд?**

- Тибқи талаботи Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми воридоти мол ба қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва содироти он аз ин қаламрав шахсро вазифадор менамояд, ки молро тахти яке аз низоми гумрукии муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс ҷойгир кунад ва ин низоми гумрукиро риоя намояд, моли воридшуда ва содиршударо ба расмияти гумрукӣ дароварда, ҳуҷҷат кунонад. Иҷозати моли ба қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон воридгардида ба муомилоти озод, бо шарти ворид гардидани маблағи боҷҳои гумрукӣ, андоз ба буҷет ва ҳуҷҷаткунонии он анҷом дода мешавад. Ҳангоми ба қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудани моли дар моддаи 67 ҳамин Кодекс зикршуда (яъне моли зудвайроншаванда ва ғайра), шахс метавонад аз расмиёти махсуси содагардонидашудаи барасмиятдарории гумрукӣ истифода намояд. Он ширкатҳое, ки ба боркашонии гумрукӣ (хизматрасонии нақлиётӣ) машғул мебошанд, танҳо ҳаққи хизматрасонии худро гирифта метавонанд ва ҳуқуқ надоранд, ки молҳои дигар шахсонро ба номи худ ба расмияти гумрукӣ дароранд. Бинобар ин, онҳо уҳдадор мебошанд, ки моли воридмамудаи худро ба номи худ ба расмияти гумрукӣ дароварда, вобаста ба он эъломияи гумрукии воридоти молро дошта бошанд. Ҳамзамон, дар сурати ба номи дигар шахс ба расмият даровардани моли вориднамуда онҳо уҳдадор мешаванд, ки нисбати ҳамон мол ҳуҷҷати тасдиқкунандаи факти хариди онро, аз қабили борхати мол, борхати нақлиётӣ бо худ дошта бошанд.

**- Дар ҳолати аз хоҷагиҳои деҳқонӣ ё шахсони алоҳидаи воқеӣ харидани маҳсулоти кишоварзӣ ва ё дигар молҳо бо мақсади минбаъд ба фурӯши чакана баровардани онҳо, молҳои харидашуда чӣ гуна ҳуҷҷатгузорӣ карда мешаванд?**

- Тибқи баҳисобгирии содакардашудаи муҳосибӣ дар сурати аз хоҷагиҳои деҳқонӣ ва ё шахсони воқеии алоҳида харид намудани молҳо бо мақсади минбаъд ба фурӯши чакана баровардани онҳо, шахс уҳдадор аст, ки аз хоҷагиҳои деҳқонии дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда ҳисобнома-фактураи содакардашуда ва борхати маҳсулотро гирад, дар дигар ҳолатҳо санади хариди мол тартиб дода, инчунин нусхаи шиносномаи чунин шахсонро бо худ нигаҳ дорад.

**- Аксарияти яклухтфурӯшон, аз ҷумлаи истеҳсолкунандагони дохилӣ ҳангоми хариди мол ягон намуди ҳуҷҷати тасдиқкунандаи харид намедиҳанд. Дар ин ҳолати чӣ бояд кард?**

- Тибқи талаботи қисми 1 моддаи 186 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон шахси ба сифати супорандаи андоз аз арзиши иловашуда бақайдгирифташуда ва ба рӯйхати андозсупорандагони бемасъулият дохилнашуда, ки амалиёти андозбандишавандаро иҷро менамояд, новобаста аз фурӯши яклухт ва чаканаи молҳо уҳдадор аст ба қабулкунандаи молҳо, корҳо ё хизматрасониҳо ҳисобнома-фактураи электронии шаклаш қатъӣ ва содакардашудаи андоз аз арзиши иловашударо пешниҳод намояд. Бинобар ин, бояд аз шахсоне, ки ба фурӯши яклухти молҳо машғул мебошанд, ҳисобнома-фактураи андоз аз арзиши иловашударо талаб карда гирад.

**- Молу маҳсулоте, ки айни ҳол дар анборҳо мавҷуданду ҳуҷҷати хариди он гирифта нашудааст, бо кадом тартиб бояд ҳуҷҷатгузорӣ карда шавад?**

- Бо дарназардошти он ки меъёри қонунгузорӣ оид ба доштани ҳуҷҷати тасдиқкунандаи факти харид қаблан низ амал менамуд ва шахс уҳдадор буд, ки вобаста ба моли ба фурӯши чакана баровардаи худ, ҳуҷҷати хариди онро мегирифт, харидор уҳдадор мебошад, ки оид ба бақияи молҳои дар анборбуда ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи хариди онро бо худ дошта бошад ва ҳамзамон, ҳисобот оид ба бақияи молҳои дар анборбударо ба санаи 01.06.2017 дар 2 нусха таҳия ва тасдиқ кунад, як нусхаи онро бо худ ва як нусхаи дигарашро ба мақомоти андози маҳалли фаъолияти худ пешниҳод намояд.

**- Чанде пеш Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон анбори электрониро мавриди амал қарор дод. Лутфан, дар бораи он маълумот медодед?**

- Бояд қайд намуд, ки дар асоси Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Доир ба маъмурикунонии андози тибқи низоми содакардашуда» аз 15. 08. 2019 №389 бо мақсади назорати иҷрои талаботи моддаҳои 19 ва 47 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, боби 29 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати дуруст ба роҳ мондани маъмурикунонии андози низоми содакардашуда, таъмини пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурд, инчунин, дуруст ба ҳисоб гирифтани амалиётҳои андозбандишавандаи дар эъломияҳои аз ҷониби андозсупорандагон ба мақомоти андоз пешниҳодшуда, ҳамзамон, дурустии ҳисоб ва пардохти андози низоми содакардашуда, вобаста ба ҳаҷм ва арзиши молу маҳсулоти воридшуда аз хориҷи кишвар ва ҳамзамон аз дохили ҷумҳурӣ харидоришуда (истеҳсолшуда) ҷиҳати таъмини пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурд аз 1-уми октябри соли 2019 дар доираи модулҳои алоҳидаи барномаи компютерии мақомоти андоз анбори электронии нигоҳдории молҳо таҳия ва мавриди амал қарор дода шуд. Ёдовар бояд шуд, ки тибқи модули мазкур минбаъд таҳвили молҳо аз ҷониби андозсупорандагон тавассути барномаи компютерӣ пайгирӣ ва назорат карда мешавад. Ҳамзамон, ҳангоми ба таври автоматӣ дар барномаи компютерӣ ташаккул додани эъломияи андози низоми содакардашуда, нишондодҳои амалиётҳои воридотӣ (харид) ва хароҷоти (фурӯш) аз анбори электронии андозсупорандагон ба инобат гирифта мешавад.

Гуфта мешавад, ки анбори электронӣ дар барномаи компютерӣ ба субъектҳои соҳибкории хурди дар низоми содакардашуда қарордошта роҳандозӣ гардида, дар назар аст, ки модули мазкур аз1-уми январи соли 2020 соҳибкорони иинфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунандаро низ дар бар мегирад.

**Мусоҳиб**
**Мазҳаб ҶУМЪА**

## Бо 65 сомонӣ як сол «Боҷу хироҷ»-ро хонед

**Воситаҳои ахбори оммаи кишвар яке аз унсурҳои ҷудонашаванда ва хеле муҳими давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягонаи Тоҷикистон ба шумор меравад ва дар рушду нумӯи мамлакат нақши муассир доранд.**

Маъракаи обуна маъракаи муҳим буда, он дар тамоми давру замон чун кӯмак ба дастрасии ВАО ба аҳолӣ вуҷуд дошт. Обуна ягона роҳи боэътимоди дастрасии аҳолӣ ба иттилоот аст.

Ҳоло маъракаи обуна ба рӯзномаи «Боҷу хироҷ», ки ягона нашрияи иқтисодии ҷумҳурӣ маҳсуб мешавад, барои соли 2020 идома дорад.

Ёдрас мешавем, ки нархи обуна ба ин рӯзнома, бо вуҷуди ҳамасола баланд шудани арзиши қоғаз, ҳаққи хизматрасонӣ ва дигар маводи чопӣ, имсол на баланд, балки хеле паст шудааст.

Идораи рӯзномаи «Боҷу хироҷ» имконияти моддию молиявии обунашавандаҳоро ба назар гирифта, чунин иқдом намуд. Яъне арзишеро муқаррар кард, ки нисбат ба нархи аксарияти рӯзномаҳои кишвар пасттар аст.

# Аъмоли номатлуб

Оид ба мавзӯи теророризм ва экстремизм дар матбуоти даврӣ ҳамарӯза матолиби зиёд ба табъ мерасанд. Аммо ҳар бор, баъди бо чунин мавод рӯ ба рӯ шудан, ҳисси нафрату бадбинӣ нисбати чунин афрод меафзояд. Айни ҳол, тибқи маълумоти шабакаҳои иҷтимоӣ, ҳазорон нафар шахсони ба терроризм ва экстремизм айбдоршуда муайян гардидаанд. Аксари ин нафарон барои ширкат дар амалиёти низомӣ дар хориҷа муттаҳам мешаванд.

Сардори Маркази зиддитеррористии ИДМ Андрей Новиков дар як баромади хеш қайд намудааст, ки беш аз 10 ҳазор нафар бо иттиҳоми ҷиноятҳои террористӣ ва экстремистӣ ба рӯихати байнидавлатӣ шомил шудаанд, ки аз ин шумора беш аз 5 ҳазори онҳо ба гурӯҳи ҷангҷӯён шомил мебошанд. Боиси таассуф аст, ки аз кишвари мо низ чандин нафарон шомили чунин гурӯҳҳои террористӣ ҳастанд. Носипосии ин қабил одамон дар ин маврид баръало мушоҳида мегардад.

-Соли гузашта бар асоси маълумоти пешниҳоднамудаи Марказ, - мегӯяд А.Навиков,- даҳҳо нафар муайян ва дастгир карда шуданд. Солҳои 2015-2019 бо дастгирии Маркази зиддитеррористии ИДМ қариб 200 нафар барои содир кардани ҷиноятҳои террористӣ дастгир карда шуда ва зиёда аз 300 нафаре, ки дар маблағгузории терроризм иштирок доштанд, муайян гардиданд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханрониашон дар мулоқоту вохӯриҳо таъкид мекунанд, ки давлати Тоҷикистон дар роҳи мубориза бо ифротгароии динию мазҳабӣ пайваста саъю талош меварзад. Сиёсати давлат ба он равона шудааст, ки дар кишвар сулҳу субот ҳукмрон ва мардум дар амну осоиш рӯз ба сар баранд. Аз ин ҷост, ки кулли сокинони Ватани азизамон шукргузори чунин ҳаёти осоиштаанд. Мо, сокинони кишвар, зиракии сиёсиро аз даст надода, ҳамеша бояд омода бошем, то нафаре оромии ҷомеаамонро халалдор насозад. Вуҷуду сиришти ҳар яки мо бояд саршори меҳр бошад, то муҳофизи Ватани маҳбуб бошем. Балки кинаву ҳасад, бухлу бадбинӣ ва нотавонбиниро як сӯ гузошта, омодаи сипари зодгоҳу марзу буми хеш буданро дар вуҷуди худ инъикос намоем. Яъне танҳо дар гуфтор не, балки дар рафтору кирдор низ бояд ватандӯсту содиқ бимонем.

Сарвари давлат барои ҳаёти осоиштаи сокинон ҳамеша саъю кӯшиш менамоянд. Сохта ва ба истифода додани макотиби наву замонавӣ, таъмини толибилмон бо таҷҳизоти ҳозира, таъсис додани ҷойҳои нави корӣ, комат афрохтани биноҳо, ободи кардани боғу гулгаштҳо, бунёд шудани иншоотҳо, ба кор даровардани чархаҳои нерӯгоҳи барқи обии «Роғун, муҳайё сохтани шароити хуби зиндагӣ ва иқдомҳои неки дигар нишонаи пешрафти зиндагии сокинон ва давлат ба ҳисоб меравад.

Ҳамарӯза тариқи расонаҳои хабарӣ аз ҷангу хунрезиҳои давлатҳои мухталифи олам воқиф шуда, мебинем, ки оқибати ҷангу хунрезӣ ба чӣ холат оварда мерасонад. Илоҳо, ҳеҷ гоҳ чунин рӯз ба сари мо наояд ва давлатамонро ободу осоишта бимонад. Бигузор дар фазои софу зери ливои сулҳу осоиш Тоҷикистон поянда бошад.

Мавриди зикр аст, ки солҳои қаблӣ волидон фарзандони хешро барои аз худ намудани дониши динӣ ба мамлакатҳои хориҷ мефиристоданд. Борҳо тасдиқ шуд, ки ин гуна «донишомӯзӣ» натиҷаи хуб надод. Баръакс, миёни чунин донишҷӯён, шояд ба таври ноаён, нафароне пайдо шуданд, ки мутаассифона, шомили гурӯҳҳои ҷиноятпешаи террористӣ даст ба ҷиноят заданд. Чандин нафарон ифротиву хурофотпараст шуданд. Агар ин ҷавонон муҳассили донишгоҳҳои Ватани худ мебуданд, шояд бо чунин гурӯҳҳо намепайвастанд? Шояд меҳри ёру диёр ва ё насиҳати падару модар таъсир мерасонду онҳоро аз чунин аъмоли ношоиста бозмедошт?

Душманони кулли башар тавонистанд, ки хоса ҷавононро аз гӯшаву канори олам ба гурӯҳҳои ифротгароӣ ҷалб намоянд. Бояд гуфт, ки солҳои охир ҷавонон кам фирефтаи гурӯҳҳои ифротӣ мешаванд. Имрӯзҳо Ҳукумати Тоҷикистон кӯшиш мекунад, то ин ки пеши роҳи фаъолиятҳои ифротӣ гирифта шавад.

Ногуфта намонад, ки маҳз таҳти ғамхориҳои Роҳбари давлат фарзандони ноболиғи тоҷикро, ки дар давлатҳои Сурияву Ироқ маҳрум аз падару модар монда буданд, дубора ба Тоҷикистон оварданд.

Ҳар қадар бобати терроризм ва экстремизм сухан гӯем, боз ҳам наметавонем тамоми паҳлӯҳои разилонаи онро инъикос намоем. Зеро терроризм ин ҳамагӣ хатар эҷод кардан аст. Вақте хатар таҳдид кард, хоҳу нохоҳ ба вайрониву нестӣ мерасонад. Мутаассифона, ифротгароӣ солҳои охир ҳамчун аждаҳои ҳафтсар дар ҷаҳон арзи ҳастӣ дорад. Бо несту нобуд кардани як сар, аз ҷои дигар сар мебарорад. Пӯшида нест, ки фаъолияти ҳизбу ҳаракатҳои террористӣ ва ифротгароӣ ба масъалаи доғи рӯз табдил ёфтааст. Мақсади чунин ҳаракатҳои номатлуб амнияти кишварҳои оламро халалдор кардан аст.

Имрӯз танҳо тавассути баланд бардоштани сатҳи донишу малака ва фаҳмишу дарки ҳақиқӣ метавон ҷавононро аз шомил шудан ба гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ нигоҳ дошт. Вақте инсон донишу фаҳмиши мукаммал дошта бошад, бовар дорем, ки онҳоро ягон ҳизбу ҳаракати террористӣ наметавонад ба худ ҷалб намояд.

**Тоҷинисои ЗАЙНИДДИН**


# ОБУНА БА РӮЗНОМАИ «БОҶУ ХИРОҶ»

## БАРОИ СОЛИ 2020 ИДОМА ДОРАД

Нашрияи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

**65 СОМОНӢ**

*нархи яксолаи обуна ба рӯзномаи «Боҷу хироҷ»*



Ба «Боҷу хироҷ» бо чашми хирад, чашми нек ва чашми дурбин нигаред ва ҳамрозу ҳамсадо бошед!

СУРОҒАИ МО:

ш.Душанбе, хиёбони Н.Қаробоев 42/3, бинои Раёсати андози шаҳри Душанбе
**Телефон:** (2)33-08-41

СУРАТҲИСОБИ РӮЗНОМАИ «БОҶУ ХИРОҶ»:

р/сч 20202972000266101000
кор/сч 20402972316264
МФО 350101626 БДА ҶТ
«Амонатбонк» дар шаҳри Душанбе
РМА 030007408

## СОҲИБКОРОНИ МУҲТАРАМ!

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти шумо мерасонад, ки дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд» аз 31.08.2012, №451 шахси воқеие, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул мебошад, уҳдадор аст фаъолияти худро ҳамчун соҳибкори инфиродӣ дар асоси патент ва ё шаҳодатнома ба қайди давлатӣ гирад.

Бақайдгирӣ дар нозироти андоз имконият медиҳад, ки давраи фаъолияти шумо ҳамчун собиқаи корӣ ба ҳисоб гирифта шуда, тибқи тартиби муқарраргардида ҳифзи иҷтимоиатон таъмин шавад.

Хотиррасон менамоем, ки дар асоси талаботи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ бе бақайдгирӣ дар мақомоти андоз аз 30 то 40 нишондиҳанда барои ҳисобҳо, яъне аз 1650 сомонӣ то 2200 сомонӣ ҷарима пешбинӣ гардидааст.

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## БА ДИҚҚАТИ ШАҲРВАНДОН ВА АНДОЗСУПОРАНДАГОН!

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз шаҳрвандон ва соҳибмулконе, ки дорои объектҳои молу мулки ғайриманқул, ба монанди хонаҳои истиқоматӣ, ҳавлӣ, гаражҳо, биноҳо, иморатҳо, бӯстонсароҳо, дигар биною иморатҳо ва қитъаҳои замин мебошанд, хоҳиш менамояд, ки маблағҳои ҳисобшудаи андоз аз молу мулки ғайриманқул ва замини наздиҳавлигии худро сари вақт ба буҷети давлатӣ пардохт намоянд.

Хотиррасон менамоем, ки дар сурати пардохт накардани маблағи андоз аз молу мулки ғайриманқул ва қитъаҳои замин рӯйхати шаҳрвандон ва соҳибмулкони аз андоз қарздор дар матбуоти даврӣ ба чоп мерасад ва ҳамчунин тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ нисбати маблағҳои пардохтнашуда фоизҳо ҳисоб мегарданд.

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## МУҲТАРАМ ШАҲРВАНДОН ВА АНДОЗСУПОРАНДАГОН!

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати сарфаи вақти корӣ ва бе ҳозир шудан ба нуқтаҳои хизматрасонии "Амонатбонк" қабули андозҳо аз молу мулки ғайриманқули шахсони воқеиро дар шакли ғайринақдӣ тавассути POS – терминалҳо ба роҳ мондааст.

Хотиррасон мешавем, ки ҳангоми пардохт намудани маблағи андозҳо шаҳрвандон ва андозсупорандагон бо чиптаҳои пардохт таъмин ва ҳамзамон маблағҳои пардохтшуда ба тарзи автоматӣ дар ҳисобварақаи онҳо сабт мегардад.

Аз ин лиҳоз, шаҳрвандон ва андозсупорандагон бо истифода аз тартиби мазкур, метавонанд андозҳо аз молу мулки ғайриманқули худро минбаъд дар шакли ғайринақдӣ дар нозироти андози маҳалли қайди худ бо истифода аз кортҳои бонкӣ пардохт намоянд.

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

### БАРҲАМ МЕХӮРАД

■ ҶДММ «Сомони 1» (РЯМ 0910003362) воқеъ дар шаҳри Ҳисор, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

■ ҶДММ «Омур» (РЯМ 0410026559) воқеъ дар ноҳияи Сино, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

■ ҶДММ «Умар-17» (РЯМ 0310012432) воқеъ дар ноҳияи Фирдавсӣ, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

■ ҶДММ «Озар» (РЯМ 0310003128) воқеъ дар ноҳияи Фирдавсӣ, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

■ ҶДММ «Фарзона У» (РЯМ 5510000256) воқеъ дар шаҳри Исфара барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

■ ҶДММ «Шамс металл» (РЯМ 040054866) воқеъ дар ноҳияи Сино барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

■ Хоҷагии деҳқони фермерии «Зиёвуддин» (РЯМ 3630014190) воқеъ дар ноҳияи Ҷайҳун, барҳам мехӯрад.

### ЭЪТИБОР НАДОРАД

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Ҳотамов Сафарҷон (РЯМ 0331312025) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Рузиев Азамат (РЯМ 0430073142) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Ҳафизова Шаҳноза (РЯМ 1830088205) аз шаҳри Кӯлоб, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Хомушова Мошариф (РЯМ 1830001645) аз шаҳри Кӯлоб, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Ҳаёева Наргис (РЯМ 1830028109) аз шаҳри Кӯлоб, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатии шахси ҳуқуқӣ мутаалиқ ба ҶДММ «Озар» (РЯМ 0310003128) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Қузиев Абдугаффор (РЯМ 6830011192) аз ноҳияи Ашт, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Ғафурова Шоҳида (РЯМ 5930021745) аз ноҳияи Спитамен, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Юлдошева Ҳидоятҷон (РЯМ 6330192871) аз ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Бобораҳимова Лола (РЯМ 6330107740) аз ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Ҳодиназаров Шавкат (РЯМ 5730110293) аз шаҳри Конибодом, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Ғуломиддинова Муҳабатой (РЯМ 6830029608) аз ноҳияи Ашт, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Қудратов Насиб (РЯМ 5730131990) аз шаҳри Конибодом, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Юлдошева Нилуфар (РЯМ 5730099641) аз шаҳри Конибодом, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутаалиқ ба ҶДММ «Каримҷон Трейд» (РЯМ 6810003365) аз ноҳияи Ашт, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Уроқов Мақсудалӣ (РЯМ 0530117904) аз шаҳри Ваҳдат, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Додокалонов Зафар (РЯМ 6230047927) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Толибов Фарҳод (РЯМ 6230085694) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Нурматова Санобар (РЯМ 0730073172) аз шаҳри Турсунзода, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Фатҳулоева Сураё (РЯМ 0730120481) аз шаҳри Турсунзода, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутаалиқ ба КТ «ХУМ» (РЯМ 0710005496) аз шаҳри Турсунзода, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Кабиров Амирбек (РЯМ 2930013726) аз ноҳияи Вахш, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутаалиқ ба КТ «Навобод 1» (РЯМ 3310009065) аз ноҳияи Ҷ.Балхӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатнома иқтибос ва РМА мутаалиқ ба ҶДММ «Рахш Д» (РЯМ 2810003992) аз шаҳри Бохтар, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

**ҶСК «Суғдобсохтмон» (РЯМ 5110005276) воқеъ дар шаҳри Хуҷанд сармояи оинномавии худро аз 506000 сомонӣ кам карда ба 177884 сомонӣ баробар менамояд.**




НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# Ленинградская область предоставляет налоговые льготы промпредприятиям

## Им предоставляется пониженная до 10% налоговая ставка на прибыль и до 0% налога на имущество



С 2020 г. для поддержки промпредприятий в Ленобласти принят закон, которым предусмотрены меры стимулирования участникам регионального инвестиционного проекта (РИП). Участникам РИПа предоставляется пониженная до 10% налоговая ставка на прибыль и до 0% налога на имущество, которые зачисляются в областную казну, сообщает газета «Коммерсантъ».

Участники РИПа теряют право на применение налоговых ставок 1 января 2027 г. (при вложении от 50 млн до 500 млн руб.) либо до достижения налоговых льгот по налогу на прибыль 100% объема осуществленных в целях реализации инвестпроекта капвложений.

http://taxpravo.ru

АЗ ТАЪРИХИ АНДОЗ

## § 3. РИВОҶ ЁФТАНИ ИСЛОҲОТИ АНДОЗ ВА РУШДИ НИЗОМИ МИЛЛИИ АНДОЗ (СОЛҲОИ 1999 -- 2006)

**(Аввалаш дар шумораҳои гузашта)**

Барои ба дараҷаи назаррас баланд бардоштани ҷамъоварии андоз, ба фикри мо, ҳисобу китоб ва ҳисоботдиҳӣ доир ба андоз бояд дар заминаи истифода аз методҳо ва воситаҳои навтарини технологияи иттилоотӣ (информатсионӣ) такмил дода шавад; дар микёси мамлакат шабакаи ягонаи иттилоотиро оид ба ҷамъоварӣ ва коркарди иттилоотро дар бораи андоз созмон бояд дод; аз ҳамаи шахсоне, ки бо соҳибкорӣ машғуланд, андоз гирифтан лозим аст; вазифаи назоративу иқтисодӣ, музди меҳнат, обрӯву эътибори кормандони мақомоти андозро афзуда, муборизаро бо ришваситонӣ (коррупсия) пурзӯр бояд кард.

Ба андешаи мо, барои тавсеаи заминаҳои андоз ва баланд бардоштани фаъолиятмандии соҳибкорон фоидаҳо, маблағҳои барои бозсозиву навсозии неруҳои истеҳсолӣ равонашуда андозбандӣ нашаванд; тартиби ба қайд гирифтани ашхоси ҳуқуқиро содатар бояд кард; соқит кардани андозҳои ақибафтода, ки ба гирифтанашон умеде вуҷуд надорад; ба манфиати пешрафти истеҳсолот пешниҳоди қарз аз ҳисоби андози пардохтмешуда. Ба фикри мо барои андоз аз фоида се меъёр таъин кардан лозим аст: баланд – барои корхонаҳои монополистӣ, миёна – барои корхона ва муассисаҳои соҳаи ғайриистеҳсолӣ. Меъёри ягонаи андоз аз арзиши иловашударо, ки ба ҳаҷми 29 % барои тамоми молҳо ва хидматгузориҳо таъин шудааст, ба се меъёр ҷудо бояд кард: баланд (20 %) барои тамоми молҳои аксизӣ, миёна (дар ҳудуди 10 – 20 %) барои молҳои маданиву маишӣ ва паст (4 – 6 %) барои молҳои мавриди ниёзи аввалиндараҷа.

Ҳамин тавр, низоми андози амалкунандаи мамлакат дар шароити вазнини иқтисоди давраи гузариш афзоиши касри буҷетро боздоедорад, маблағузориро ба хароҷоти фаврии давлат таъмин ва ба пешрафти иқтисодиёт мусоидат менамояд. Аз ин ба хулоса меътавон омад, ки низоми андози имрӯзаи дар кишвар амалкунанда ҷавобгӯи талабот ва вазифаҳои иқтисоди гузариш буда, зарурати бозсозии он ҳад зиёди он вуҷуд надорад.

Чунин баҳои умумӣ, имконияти аз воқеият сухан ронданро дорад, вале ин ба он маъно нест, ки вазифаи беҳсозии низоми андоз, мутобиқ намудани он бо масъалаҳои ҷории сиёсати иқтисодӣ ва умуман низоми иқтисодӣ аз байн рафтааст. Чунонки дар боло ишора кардем, бори андоз дар кишвари мо дар муқоиса бо кишварҳои пешрафтаи роҳи иқтисоди бозаргониро пешгирифта хеле паст аст.

**(Давом дорад)**

**Манбаъ: Тоҳир ИСЛОМОВ «Аз таърихи молия, андоз ва ташаккулёбии низоми андозбандӣ дар Тоҷикистон»**



# Хусусияти шифоии мурч

**Мурчи сиёҳ дар миёни растаниҳои доругӣ ба организми инсон хеле фоидабахш ба ҳисоб меравад.**

Якум, он ба сифати антиоксиданти қавӣ эътироф шуда, ба фавти бармаҳали бофтаҳои организм роҳ намедиҳад. Дуюм, мурчи сиёҳ холестирини хунро кам менамояд. Сеюм, ба муқобили раванди шамолкашии бавуҷудоварандаи бемориҳои илтиҳоби банду буғум, саратон ва дилу раг мубориза мебарад. Ин корро моддаи пиперини таркиби мурч ба ҷо меорад. Пиперин ба майнаи сар ҳам таъсири мусбат мерасонад. Ба муқобили бемориҳои Алтсгеймер, Паркинсон мубориза беамон мебарад. Ҳамчунин, мурч инкишофи бактерияҳои «хуб»-и дар рӯдаҳои медаю рӯда вуҷуддоштаи мустаҳкамсози масуниятро таъмин менамояд ва нобудсозии бемориҳои кӯҳна (хроникӣ) ба ҳисоб меравад.

## Суханони ҳакимона

Вақте туро касе меранҷонад, норохат машав, ин қонуни дунёст, зеро дарахте, ки ширинтарин меваҳоро дорад, бисёртар санг мехӯрад.

x x x

Одами дурусткор ба хотири як пора устухон худро ба саг табдил намекунад.

x x x

Дӯстонро дар хилват сарзаниш ва дар назди мардум таҳсин намоед.

x x x

Оқил забонашро дар қалб ва аҳмақ дар даҳон ҷой додааст.

x x x

Ақле, ки ба ақли дигар такя накунад, фикр тавлид карда наметавонад.

x x x

Боақл дар кунҷе нишаста, бар талафоташ гиря намекунад, балки кӯшиши рафъи талафот мекунад.

## Оё медонед?



Аз рӯи ҳуҷҷат кӯдакони кореягӣ нисбат ба ҳамсолони худ аз дигар кишварҳо як сол калонанд. Барои он ки дар ин кишвар 9 моҳи дар батни модар буданро низ ба ҳисоб мегиранд.

xxx

Мувофиқи тадқиқот кӯдакони 3-4 – сола рӯзе то 900 суол дода, 12 ҳазор калимаро ба забон меоранд.

xxx



Хурдсолони Олмон аз нигоҳи истифодаи технологияи компютерӣ пешрафтаанд. Ҳар кӯдаки олмонӣ то нуҳсолагӣ ҳадди ақал сохтори кори ду телефони мобилиро тағйир дода, кор бо компютерро пурра аз худ мекунад.

xxx

Ба гуфтаи олимон кӯдаконе, ки бо хазидан роҳравон мешаванд, нисбат ба онҳое, ки якбора роҳ мераванд, дар таҳсил муваффақтар мегарданд.

# Амале, ки қаҳрамонист



Дар вилояти Пактикаи Афғонистон марде бо исми Маёхон ҳар рӯз ду духтарашро болои дучарха нишонда, ба ягона мактаби духтаронаи вилоят, ки 12 километр дур аз иқоматгоҳашон аст, мебарад. Он ҷо чаҳор соат беруни мактаб мунтазир мешавад, то дарсҳо тамом шаванду духтаронашро гирифта, ба хона барад.

Дар шароит ва фазои Афғонистон, ки ҳар рӯз инфиҷор, куштор ва фишор болои мардуми бегуноҳ аст, ин амалкарди падар бешак, қаҳрамонист.

# Панди рӯзгор

Сарватманде аз рафиқаш пурсид: «Чаро мардум маро ба ҳарисӣ маломат мекунанд, вақте медонанд, ки ман дороиямро барои корҳои хайру эҳсон ба манфиатбахш васият кардаам».

Рафиқ дар ҷавоб мегӯяд: «Мехоҳам ҳикояеро бароят қисса кунам:

- Боре хук ба гов шикоят мекунад, ки одамон доим аз некӣ ва чашмони пурмеҳри ту сухан мегӯянд. Албатта, ту ба онҳо ширу равған медиҳӣ, аммо ман ҳам чизи зиёд медиҳам: ҳасиб, рону пӯсту … Ба ин нигоҳ накарда он қадар дӯстам намедоранд. Чаро?

Гов ҷавоб дод: «Шояд барои он бошад, ки ман дороиямро замони зинда буданам медиҳаму ту баъди маргат».

# «Хуни тиллоӣ»



**Ҷеймс Ҳаррисони австралиягӣ бо номи «Инсони дорои хуни тиллоӣ» ё «Инсоне бо дасти тиллоӣ» машҳур аст.**

Дар 14 - солагӣ ҷарроҳии ҷиддии қафаси синаро аз сар гузаронд. Ҳангоми ҷарроҳӣ хуни донорӣ лозим шуд. Пас аз амалиёт ӯ се моҳ дар беморхона буд. Бо дарки он ки хуни хайрия ҷонашро наҷот додааст, ваъда дод, ки аз 18 - солагӣ ба супурдани хун шурӯъ мекунад. Ҳаррисон аз соли 1954 ба супурдани хун шурӯъ кард. Дере нагузашта маълум шуд, ки хуни Ҳаррисон ҳамон қадар беназир будааст, ки ҷони ӯ ба як миллион доллар суғурта шуд. Ҳаррисон плазмаи худро муддати 57 сол хайр кард. Соли 2011 ӯ хунашро бори ҳазорум супурд, ки рекорди ҷаҳонӣ аст. То соли 2015 тамоми доруҳои зиддирезусӣ дар Австралия аз плазмаи Ҳаррисон тартиб шуда буданд. Моҳи майи соли 2018 бори охир хун супурд. Дар ин муддат плазмаи Ҳаррисон ба ҳаёти беш аз ду миллион кӯдаки навзод, аз ҷумла набераи худаш кумак кард.

Боҷу хироҷ
МУАССИС: КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
Сармуҳаррир Фарзона ШАРИФӢ

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ ВА МУШОВАРА:
ДАВЛАТЗОДА Н. М. - Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ҚАҲҲОРЗОДА Ф. С. - Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; СОЛЕҲЗОДА А. М. - муовини аввали Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; МЕЛИКЗОДА К.Н. - муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ЮСУФӢ П. С. - ёрдамчии Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; НАБИЕВ Б. - сардори Раёсати таъмини ҳуқуқии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; НУРЗОДА Ҷ. - сардори Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ВОҲИДОВ А. - котиби масъули рӯзномаи «Боҷу хироҷ»; НИГМАТОВ М. - сардори шуъбаи иқтисод, буҷет ва андози рӯзномаи «Боҷу хироҷ».

Дар ҳафтанома ба хотири гуногунандешӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ таҳти рақами 597 номнавис шудааст.

Ҳафтанома бо шаҳодатномаи №0310003650 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.

Тел: 233-08-41 (мухбирон), 44-600-41-76 (шуъбаи эълон ва обуна)

Навбатдор: Мақсуди НЕЪМАТ

Тарроҳ: Сафаралӣ САТТОРОВ

*Суроға: ш. Душанбе, х. Н. Қарабоев 42/3, бинои Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе*

**Индекс: 68930**

Рӯзнома дар нашриёти «Шарқи озод» чоп шудааст.

**Теъдод: 78 856**